ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 892.7.09 (81.2 (2Т))

**ҚАЛАНДАРЗОДА САРАБЕК ДАВЛАТЁР**

# НАҚШИ ВАО ДАР ИНЪИКОСИ РАВОБИТИ МУТАҚОБИЛАИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ ВА МАМОЛИКИ АРАБЗАБОНИ ХАЛИҶИ ФОРС (ШОҲИГАРИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ, ҚАТАР ВА АМОРОТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ)

(Ҳимояи такрорӣ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ

ДУШАНБЕ – 2026

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

| | |
|---|---|
| **Мушовири илмӣ:** | **Муқимов Муҳамадӣ Аминович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Муъминҷонов Зулфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ-и «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»; |
| | **Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; |
| | **Сайидзода Зафар Шералӣ –** доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи ИДМ-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. |
| **Муассисаи пешбар:** | **Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»** |

Ҳимояи диссертатсия санаи «14» октябри соли 2026, соати 13:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; e-mail: zbsh@list.ru; телефон: ((+992) 907-30-70-35) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи маркази Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «___» ______________ соли 2026 фиристода шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ** **Зоириён Б.Ш.**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АИ – Агентии иттилоотӣ
АИА – Агентии иттилоотии Аморот
АИКАХФ – Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс
АИҚ – Агентии иттилоотии Қатар
АИС – Агентии иттилоотии Саудӣ
АМА – Амороти Муттаҳидаи Араб
БИР – Бонки исломии рушд
ВАО – Воситаҳои ахбори омма
ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Америка
КАХФ – Кишварҳои араби Халиҷи Форс
ЛДА – Лигаи давлатҳои араб
МҲТБО – Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё
ОМ – Осиёи Миёна
СММ – Созмони Милали Муттаҳид
СҲИ – Созмони ҳамкориҳои исломӣ
ФСР – Фонди Саудии Рушд
ШАС – Шоҳигарии Арабистони Саудӣ
ШҲКАХФ – Шурои ҳамкории кишварҳои араби Халиҷи Форс

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар ҷаҳони муосир сарфи назар аз шакли давлатдорӣ ва низомҳои гуногуни сиёсӣ, дар таҳкими қудрат, ислоҳ, пешрафт ва ҳамчунин муносибату ҳамкориҳои кишварҳои гуногун ВАО ба сифати пуртаъсиртарин василаи иттилоърасонӣ ва таҳкими равобити гуногунсатҳ боқӣ мемонад. Ба хусус, дар шароити муосир, ки саросари ҷаҳон пур аз воқеаҳои ҳузнангез гардидааст, ВАО дар инъикоси вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои гуногун нақши муҳим гузошта метавонад.

Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои абардқудрат ВАО-ро на танҳо василаи таъмини ҷомеа бо иттилооти муҳим, балки ҳамчун аслиҳаи таблиғ ва татбиқи ҳадафҳои хеш истифода мебаранд. Аз ин рӯ, дар шароити рақобати иттилоотӣ тамоми давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки дар самти таблиғу ташвиқи ҳадафҳои худ фаъол ва устувор бошанд.

Дар баробари ин ВАО метавонад, дар ташкил ва рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи кишварҳои мухталиф замина ва шароит фароҳам орад. Таҷрибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс (КАХФ) собит месозад, ки дар раванди оммавигардонии муносибатҳои ин кишварҳо ВАО нақши бориз дорад.

Маҳз ба тавассути иттилоърасонии ВАО ифтитоҳи сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар Ҷумҳурии арабии Миср, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Кувайт, Аморoти Муттаҳидаи Араб ва инчунин, консулгарӣ дар шаҳри Дубай, сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ба давлатҳои араб ва ҳузури бархе аз мақомоти баландпояи давлатҳои араб аз Тоҷикистон хусусияти оммавӣ пайдо карда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуд.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати хориҷии худ бо мамолики араб, чи дар асоси муносибатҳои дуҷониба ва чи дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷониба самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷонибаро муайян намудааст. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар муносибатҳо бо аксарияти кишварҳои араб, Ба хусус, кишварҳои араби Халиҷи Форс муносибатҳои дипломатӣ рушд ва таҳким ёфтааст.

Сафарҳои расмӣ ва кории Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин давлатҳо на танҳо ба таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба муосидат намуд, балки барои ҳамкориҳои судманди оянда заминаҳо фароҳам овард. Дар ҳар як сафари Президент ба кишварҳои араб барои таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва  ҳамкориҳои муфид созишномаҳои расмӣ ба имзо расида, мавриди амал қарор гирифтанд. Ба хусус, ин сафарҳо барои таҳкими ҳамкориҳо бо кишварҳои араби Халиҷи Форс имкониятҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангиро муҳайё кард.

Воқеан, кишварҳои араби Халиҷи Форс ба шарофати захираҳои нефт аз ҷиҳати иқтисодӣ доротарин давлатҳои ҷаҳон ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, тақвияти робитаҳои иқтисодӣ бо ин кишварҳо дар зинаи авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон қарор дошта, ҳадафҳои иқтисодиро дар мадди аввал мегузорад. Ба ин мақсад, Президенти кишвар дар яке аз суханрониҳои худ дуруст қайд намуданд, ки «Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ таҳкими робитаҳои гуногунҷанбаро бо кишварҳои аъзои Шурои ҳамкории кишварҳои араби Халиҷ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии худ муайян намуда, баояндаи онҳо назари нек дорад. Мо умед дорем, ки кишварҳои араби Халиҷ ва ниҳодҳои молиявии онҳо тавассути сармоягузорӣ дар татбиқи тарҳҳои гидроэнергетикӣ саҳм хоҳанд гузошт» [102].

Раванди муносибатҳои дипломатӣ, ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, хосса кишварҳои араби Халиҷи Форс, ҳамеша дар воситаҳои ахбори оммаи ҳам Тоҷикистон ва ҳам кишварҳои араб инъикос шуда, ба ин васила вазъи муносибатҳо миёни ин кишварҳо манзури аудитория мегардад. Таҳқиқҳо нишон медиҳад, ки муносибати ВАО-и кишварҳои ҳар ду ҷониб ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамдигар яксон набудааст. Дар баробари мавқеи гуногун ва диду назари мухталиф доштан, ВАО-и кишварҳо кӯшиш намудаанд, ки дар ҳамкориҳои байниҳамдигарӣ холисона муносибат намоянд. Ба ин манзур, чигунагии мавқеъ, тарзи муносибат ва дараҷаи инъикоси воқеиятҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ дараҷаи муҳиммияти таҳқиқи ин мавзуъро асоснок мегардонад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Робитаҳои Тоҷикистону кишварҳои араб дар замони шуравӣ дар контексти як давлати воҳид, яъне Иттиҳоди Шуравӣ баррасӣ гардида, танҳо пас аз ба истиқлолият расидани Тоҷикистон, ба ин масъала таваҷҷуҳи бевосита сурат гирифтааст. Дар давраи соҳибистиқлолӣ ба масъалаи муносибат ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, ба хусус Халиҷи Форс таваҷҷуҳи коршиносон ва муҳаққиқони тоҷик бештар гардидааст. Аз ҷумла, ин масъала ба пажуҳишҳои илмии диссертатсионӣ кашида шудааст, ки корҳои Ш.А. Разоқов [61], А.З. Қамаров [35], Ф.Б. Умаров [74] ва З.Қ. Давлятов [22] намунае аз онҳост. Пажуҳишҳои ин муҳаққиқон бо диди таърихнигорӣ шакл гирифта, дар онҳо, асосан, ҷанбаҳои гуногуни муносибату ҳамкории Тоҷикистон бо ҷаҳони ислом ва кишварҳои араби Халиҷи Форс таҳлилу баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, таҳқиқоти Ш.А. Разоқов масоили барқароршавии алоқаҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форсро то соли 2011 фаро гирифта, ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисод ва сиёсат махсус таваҷҷуҳ шудааст.

Монографияи З.К. Давлятов ба пайдоиши ҷуғрофии давлатҳои араби низоми сиёсиашон «Шоҳигарӣ», аз қабили Арабистони Саудӣ, Баҳрайн, Урдун, Марокаш, Уммон, Қатар, Қувайт ва Амороти Муттаҳидаи Араб бахшида шуда, ҳолат ва дурнамои муносибатҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шоҳигариҳои араб таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Муҳаққиқ Ф. Умаров ба тамоюлҳои мусбат ва манфии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳони ислом (махсусан бо созмонҳои исломӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории исломӣ) эътибор дода, таъсири ҳамкориҳоро дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ва амнияти он муайян намудааст.

Таҳқиқоти муаррих А.З. Қамаров таърих ва ташаккули робитаҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистон ва кишварҳои арабро аз давраи Иттиҳоди Шуравӣ то имрӯз дар бар гирифтааast.

Ҳамзамон, доир ба робитаҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистон ба кишварҳои араб муҳаққиқони улуми иҷтимоӣ таваҷҷуҳ намуда, мақолаҳои илмӣ ва илмиву оммавӣ навиштаанд. Ин ҷо метавон аз Ё.Б Ниёзӣ [100], З.Ш. Саидов [63], С.Н. Зиёев [95; 96; 97], Б. Соҳибӣ [105], Ш. Муродалӣ [106], У. Пудинаев [101], С.М. Болтуев [18], Ф. Усмонов [78], Ш. Каримова [28], З. Зубайдов [24] ва дигарон ёдовар шуд. Дар мақолаҳои илмӣ – таҳқиқии олимони зикршуда паҳлуҳои мухталифи

ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб (Халиҷи Форс), инчунин, манфиатҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва геополитикии ин давлатҳо дар Осиёи Миёна ва уфуқҳои нави робитаҳои дуҷониба мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳарчанд доир ба мавқеъ ва нақши ВАО-и кишварҳои араб дар раванди ҷаҳонишавӣ, проблемаҳои озодии сухан ва хусусиятҳои хоси ҳуқуқҳои васоити ахбори оммаи ин кишварҳо аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик таҳқиқоти дисертатсионӣ анҷом наёфта бошад ҳам, дар журналистикаи рус дар ин самт таҳқиқотҳои зиёди илмӣ анҷом дода шудааст, ки аксарияташон хусусияти монографиявӣ доранд. Аз ҷумла, дар пажуҳишҳои Авад Ахмед Мохамед [9], Амар Ноха Ахмед [11], Аталлах Хумуд Ал Энезӣ [12], Е.В. Ахмадулин [14], Э.К. Байрамова [16], Т.В. Тройнина [73], Шараф Фарук Ради [83], Ю.С. Кинаш [30], В.В. Орлова [55], Кхадур Осама [34], Адиб Хазур (أديب خضور) [86], Адиб Марва (أديب مروة) [87], Росим Муҳаммад ал-Ҷамол (راسم محمد الجمال) [93], Муҳаммад Фарид Маҳмуд Иззат (محمد فريد محمود عزت) [94], аслан, масоили низоми журналистикаи араб (асри XIX-ибтидои асри XXI), хусусиятҳои хоси рушди ВАО-и кишварҳои араб дар шароити ҷаҳонишавӣ, равандҳои (тамоюл) таҳаввулоти онҳо ва фаъолияти расонаҳои кишварҳои араб дар низомҳои гуногуни сиёсӣ баррасӣ гардидааст. Аз ин миён диссертатсияи Аталлаҳ Ҳумуд ал-Энезӣ хусусиятҳои ташаккул ва фаъолияти расонаҳои Шоҳигарии Арабистони Саудиро фаро гирифта, дар Тоҷикистон дифоъ шудааст.

Таъкид бояд кард, ки доир ба воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои араб дар воситаҳои таълимии устодони ихтисосҳои журналистика А. Нуралиев [52], М.А. Абдуллозода, Н.Н. Салихов, А.А. Рахимов, Ш.Б. Муллоев [7] маълумоти умумии таърихӣ оварда шуда бошад ҳам, дар хусуси инъикоси робитаҳои муосири Тоҷикистон бо кишварҳои араб, хосса нақши ВАО дар ин самт таваҷҷуҳ нашудааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи забонҳои хориҷӣ ва журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат карда, иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии пажуҳишро омӯзиш ва баррасии омилҳои муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби

Халиҷи Форс, муайян намудани нақши васоити ахбори оммаи ин кишварҳо дар инъикоси раванди ташаккул ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба, бо назардошти мавқеву муносибати расонаҳо, хусусиятҳои мавзуиву мундариҷавӣ ва шакливу жанрии матолиб ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ноил шудан ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои зеринро зарур медонем:

– таҳқиқи мавқеи кишварҳои араб дар фазои ҷаҳони муосир;
– баррасии ҷанбаҳои таърихии робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабзабон;
– таҳлили вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс;
– баррасии таърихи мухтасари Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар);
– муайян намудани дараҷа ва таносуби инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Агентиҳои иттилоотии араб;
– омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаъҳои мавзуӣ ва ҳунарии инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотӣ;
– баррасии вижагиҳои мундариҷавии маводди АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» марбут ба воқеаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс;
– ба таври муқоисавӣ муайян намудани маводди сомонаи иттилоотии «Pressa.tj«;
– муайян намудани вижагиҳои жанрии маводди ВАО доир ба воқеаҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс.

**Объекти таҳқиқро** ВАО-и Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус, Агентии иттилоотии Саудӣ (وكالة الانباء السعودية), Агентии иттилоотии Қатар (وكالة الانباء القطرية), Агентии иттилоотии Аморот (وكالة انباء الامارات) инчунин, АМИТ «Ховар», расонаҳои даврии АИ «Азия-Плюс» ва сомонаи «Pressa.tj« ташкил медиҳанд.

**Предмети таҳқиқро** дараҷаи инъикоси муносибат ва ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс дар ВАО-и мутақобилаи кишварҳо дар бар мегирад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ ба осори илмии муҳаққиқони тоҷик – Т.Н. Назаров [51], З.Ш. Сайидзода

(Саидов) [62; 63; 64], А.Н. Шарипов [84], Т. Мардонӣ [36], Р.Ш. Нуриддинов [54], И.К. Усмонов [75; 76; 77], А. Нуралиев [53], А. Саъдуллоев [68; 69], М.А. Муқимов [40; 41; 42; 43], М.Б. Муродӣ [46; 47; 48; 49], М.А. Абдуллозода [7; 8], М.С. Имомзода [26; 27], А.Х. Азимов [10], З. Муъминҷонов [50], Р. Бобоҷонова [17], Ш.Б. Муллоев [44; 45], С. Хоҷазод [80], А.А. Афсаҳзод [13], рус – Е.М. Примаков [58], А.М. Василев [19; 20], А.В. Федорченко [79], А.Б. Подтсероб [56; 57], Г.Г. Косач [33], М.А. Сапронова [66; 67], Е.С. Мелкумян [37; 38; 39], Б.Г. Сейранян [70], Э.О. Касаев [29], Е.П. Прохоров [59; 60], В.В. Ворошилов [21], А. Тертичний [72] ва араб – доктор Форуқ Абузайд (فاروق ابو زيد) [88], Муҳаммад Абдураззоқ ал-Қашъамӣ (محمد عبد الرزاق القشعمي) [92], Фуод Асъад Камоҳӣ (فؤاد اسعد كماخي) [91], Солеҳ Шокир Ватут (صالح شاكر وتوت) [90], Абдулҷавод Саъид Рабиъ (عبد الجواد سعيد ربيع) [89], Иброҳим Исмоил (إبراهيم إسماعيل) [85] ва дигарон такя карда шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия бори аввал нақши ВАО дар инъикоси муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс таҳқиқ шудааст. Дар ин робита:

- дар заминаи адабиёти илмиву сиёсӣ ва маводди ВАО мавқеи кишварҳои араб дар фазои геополитикии ҷаҳони муосир баррасӣ гардида, ҷанбаҳои таърихӣ ва вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабии Халиҷи Форс муайян карда шуд;
- доир ба инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар) маълумоти зиёди иттилоотӣ ҷамъоварӣ гардида, мавриди таҳлили омориву мундариҷавӣ қарор гирифт;
- бо баррасиҳои илмӣ инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва бозтоби рӯйдодҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс дар ВАО-и Тоҷикистон ба таври муқоиса муайян карда шуд;
- вижагиҳои жанрии маводди марбут ба воқеиятҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араб дар ВАО-и мутақобила аз нуқтаи назари илмӣ баррасӣ гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳқиқ нишон дод, ки Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сиёсати хориҷии худ ҳамкориҳои фаъолу созанда ва мутақобилан судмандро бо мамолики араб, махсусан Халиҷи Форс, дар шакли дуҷонибаву бисёрҷониба ба роҳ монда, баҳри таҳкими он ҳамеша талош менамояд ва дар инъикос ва таблиғи он ВАО нақши муҳим дорад.

2. Баррасӣ муайян кард, ки сафарҳои расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин давлатҳо аз омодагии Тоҷикистон барои таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо ин кишварҳо шаҳодат дода, робитаю ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо давлатҳои Халиҷи Форс фаъол гардонидааст.

3. Пажуҳиш маълум намуд, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ нақши ВАО дар масъалаи мустаҳкам намудани муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо, инъикоси дурнамои муносибату ҳамкориҳо ва баррасии ҳаводису рӯйдодҳои кишварҳо хеле муассир аст. Ин таъсир ҷиҳатҳои мусбату манфиро дар бар гирифта, дар раванди муносибатҳо гардишҳои куллиро ба вуҷуд оварда метавонад.

4. Маълум карда шуд, ки роҳбарони давлатҳои араб (Халиҷи Форс) ВАО-ро ҳамчун василаи ташкилкунандаи афкори омма ва таъсир ба афкору рӯҳияи онҳо дар кишварҳояшон ҷиҳати нигоҳ доштани таҳкурсии сиёсати ҳокимият, дастгирии фазои риояи қонун ва ҳамдигарфаҳмӣ босамар истифода мебаранд. Дар корҳои иттилоотию таблиғотии низоми ҳукмрони кишварҳои араб ду навъи пахши иттилоот истифода мешавад: матбуоти расмиву нашриёти ҳукуматӣ ва воситаҳои ахбори оммаи дорои хосияти амиқи руҳонӣ.

5. Аз пажуҳиш ошкор гардид, ки воқеаҳои Тоҷикистон дар агентиҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс, асосан таҳти рубрикаҳои «сиёсӣ» (سياسي), «иқтисодӣ» (اقتصادي), «иҷтимоӣ» (اجتماعي), «фарҳангӣ» (ثقافي), «варзишӣ» (رياضي) ва «умумӣ» (عامٌ) ба табъ расидаанд. Дар маҷмуъ, тули солҳои 2014-2024 дар ин агентиҳо 2219 мавод нашр гардидааст, ки 1132 (51 %) ба АИС , 734 (33 %) ба АИҚ ва 353 (16 %) ба АИА рост меояд.

6. Натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд, ки ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс дар инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон

бештар ба робитаву ҳамкориҳои дипломативу сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва кумакҳои башардӯстона таваҷҷуҳ намудаанд. Дар инъикоси ин ва амсоли ин ҳаводис ҷанбаҳои мусбат ва манфии он ба назар гирифта шудааст. Маводди агентиҳои иттилоотӣ баёнгари он аст, ки ҳамкориҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс сол ба сол густариш ёфта истодааст.

7. Маълум гардид, ки дар ВАО-и Тоҷикистон инъикоси воқеиятҳои марбут ба кишварҳои араби Халиҷи Форс, асосан, дар ду типи он: агентиҳои расмӣ ва хусусӣ шакл гирифтааст. Агар агентиҳои расмӣ бештар ба инъикоси сафарҳои сарварон ва масъулони воломақоми кишварҳои мутақобила, суҳбату мулоқотҳо, қабули созишномаҳои ҳамкориҳо таваҷҷуҳ намуда бошанд, агентиҳои хусусӣ, аслан, ба рӯйдодҳои фарҳангӣ ва воқеаҳои дохилии кишварҳои араб эътибор додаанд.

8. Таҳлилу баррасиҳо муайян намуд, ки маводди Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Тоҷикистон аз нигоҳи жанр ба ҳам умумият дошта бошанд ҳам, яксон нестанд. Тарзи инъикоси воқеаҳо, истифодаи имконияти жанрҳои гуногуни журналистӣ, ба хусус, жанрҳои хабарӣ дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб нисбатан муфассал буда, шарҳу тавзеҳ бартарӣ дорад. Инъикоси воқеиятҳои рӯз дар агентиҳои Тоҷикистон сариваҳт сурат нагирад ҳам, аз нигоҳи меъёри жанрӣ касбитар аст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои диссертатсия донишҳои илмиву назариявиро дар самти шинохти касбии ҳамкориву робитаҳои мутақобилаи кишварҳо, нақши ВАО дар инъикоси воқеиятҳои дуҷониба, таҳкими муносибатҳо, ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва амсоли ин вусъат мебахшад.

Маводди диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, машғулиятҳои амалии соҳаҳои дипломатия, журналистикаи байналхалқӣ ва муносибатҳои гуногунсамти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои араб истифода кард. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия, хусусан, ҳангоми тадриси таърихи журналистикаи хориҷӣ, хосса ВАО-и кишварҳои араб, ВАО ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба кор хоҳад омад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия – «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб)» ба шиносномаи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ мутобиқат мекунад.

Дар доираи ихтисоси мазкур масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд, ки ба бандҳои **2, 4, 8, 9, 10 ва 11-и «Соҳаи таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмӣ** алоқамандӣ доранд:

– истифодаи жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси рӯйдодҳои Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотии хориҷӣ;
– инъикоси муносибатҳои байналмилалӣ ва муаррифии кишварҳо дар ВАО-и хориҷӣ;
– нақши агентиҳои иттилоотии байналмилалӣ дар бозтоби вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳо;
– саҳми ВАО дар таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи байни кишварҳо ва мустаҳкам намудани равобити байниҳамдигарии онҳо;
– инъикоси мунтазами равобити Тоҷикистон бо шарикони рушд дар агентиҳои иттилоотӣ ва тарғиби симои мусбати кишвар дар фазои иттилоотии байналмилалӣ;
– вижагиҳои тарзи инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар расонаҳои хабарӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ;
– тарғибу ташвиқи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва амниятии Тоҷикистон дар расонаҳои хабарии байналмилалӣ.

Ҳамин тариқ, диссертатсия ба таҳқиқи масъалаҳое бахшида шудааст, ки бевосита ба доираи ихтисоси илмии мазкур мансуб буда, ба талаботи шиносномаи он пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми фардии муаллиф дар омӯзиши назарии мавзуъ ва баррасии нақши агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс дар инъикоси ҳамкориҳои мутақобила, муайян намудани таносуби инъикоси воқеаҳо, вижагиҳои жанрии онҳо, омода намудани маърузаҳо доир ба мавзуъ ва суханронӣ дар ҳамоишҳои илмии сатҳи байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ,

таълифи монография, мақолаҳои илмӣ, илмиву оммавӣ зоҳир мешавад. Андешаҳои назарӣ, ҳамчунин, хулосаҳои илмӣ дар диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муҳаққиқ мебошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳимтарин нуктаҳои диссертатсия дар маводди конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2010-2025) интишор ёфтаанд. Аз ҷумла, диссертант дар конференсияҳои байналхалқии илмию амалии «Замони муосир ва журналистика: проблемаҳои ҳуқуқ ва озодии сухан» (Душанбе, 29-30-юми ноябри 2010), «Арабистони Саудӣ ва кишварҳои Осиёи Миёна ва баҳри Каспий» (Риёз, 5-8-уми январи 2015), «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: мушкилот ва дурнамо» (Душанбе, 22-23-юми октябри 2020) ва «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Душанбе, 2023) дар мавзуъҳои «Тоҷикистон аз нигоҳи расонаҳои интернетии кишварҳои араб», «Муносибатҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ» (العلاقات الإقتصادية و الثقافية بين جمهورية طاجيكستان والمملكة العربية السعودية), «Мавқеи оҷонсиҳои иттилоотии араб дар фазои иттилоотии ҷаҳони араб», «Нигоҳи матбуоти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон», «Баррасии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар мусоҳибаҳои Эмомалӣ Раҳмон» ва дар 12 конференсияи ҷумҳуриявии илми-амалӣ дар мавзуъҳои «Тоҷикистон аз нигоҳи агентии иттилоотии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ» (Эъломияи СММ оид ба даҳсолаи (солҳои 2013-2022) байналхалқии наздиксозии фарҳангҳо, Душанбе, 19.04.2013), «Инъикоси рӯйдодҳои Тоҷикистон дар сомонаи «Ал-Ҷазира»« (20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 25.04.2014), «Ҳақиқат ва таҳрифи воқеаҳои Тоҷикистон дар сомонаҳои «Ал-Ҷазира» ва «BBC»» (700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Душанбе, 25.04.2015), «Тоҷикистон аз нигоҳи расонаҳои Қатар» («20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон», Душанбе, 25.04.2017), «Баррасии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар мусоҳибаҳои Президенти кишвар» (Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028, Соли рушди сайёҳӣ ва

ҳунарҳои мардумӣ, Душанбе, 25.04.2018), «Тоҷикистон аз нигоҳи расонаҳои Кувайт» («Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «400-солагии Миробид Саййидои Насафӣ», Душанбе, 23.04.2019), «Нақши шабакаи «Ал-Ҷазира» дар фазои иттилоотии ҷаҳони муосир» («5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ», Душанбе, 21.04.2020), «Мавқеи кишварҳои Халиҷи Форс дар ҷаҳони муосир» («Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)», «Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ», Душанбе, 21.04.2022), «Таҳрифи ахбор дар расонаҳои арабӣ» («75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «145-солагии бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ», «2023 – Соли забони русӣ» ва «2025 – соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», Душанбе, 25.04.2023) маъруза хондааст.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз 27-уми феврали соли 2026, суратмаҷлиси №7) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсия дар 1 монография, 28 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, чор боб, 10 фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 366 саҳифаи чопи стандартии компютериро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддима** аҳаммияти таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои пажуҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалӣ ва муҳимтарин нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, мушаххас гардида, натиҷаҳои таҳқиқ асоснок ва муаррифӣ шудаанд.

**Боби аввали** диссертатсия **«Раванди ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс»** унвон дошта, аз **ду**

**фасл** таркиб ёфтааст. Дар **фасли аввал – «Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир»** шаклҳои муосири ҳаёти сиёсии давлатҳои Шарқи Араб – низомҳои сиёсии кишварҳо, шаклҳои иртиботи байниҳамии сохторҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳо, равияҳои ғайрирасмии дорои хусусияти иҷтимоию сиёсӣ ва амсоли ин таҳқиқ шудааст.

Халиҷи Форс ҳамчун минтақаи стратегӣ бо иқтидори иқтисодӣ ва захираҳои нефту газ дар сиёсати байналмилалӣ мавқеи махсус дорад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан кишварҳои абарқудрат, ба ин минтақа давра ба давра бештар мегардад. Сарзамини ин кишварҳо дар умум «40,3%-и захираи нефт ва 23%-и захираи гази табиии ҷаҳонро доро мебошад» [61, с. 131]. Имрӯз кишварҳои араби Халиҷи Форс (КАХФ) ба шарофати захираҳои нефтӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ доротарин давлатҳои ҷаҳон ба шумор мераванд. Аз ҳамин сабаб, тақвияти робитаҳои иқтисодӣ бо ин кишварҳо дар зинаҳои аввали авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар қарор дорад, зеро Тоҷикистон аз ҷумлаи ҳадафҳои гуногун, ки асоси муносибатҳои байнидавлатиро муайян мекунанд, ҳадафҳои иқтисодиро дар мадди аввал мегузорад.

Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (ШАС) (المملكة العربية السعودية) дар миқёси ҷаҳон бойтарин кишвар маҳсуб меёбад. Дар сарзамини он чоряки захираҳои нефти ҷаҳон маҳфуз буда, он бузургтарин истеҳсолкунанда ва содиркунандаи нефт дар олам ба ҳисоб меравад. Аз рӯи истихроҷ ва содироти нефт дар ҷаҳон ҷойи аввалро ишғол мекунад. Ин қудрат имкон дода, ки ШАС иштирокчии пешбари ташкилотҳои тиҷоратию иқтисодии ҷаҳонӣ гардад. Ҳамчунин, ибодатгоҳҳои асосии мусулмонон (шаҳрҳои Макка ва Мадина), ки дар ин кишвар воқеъ гардидаанд, нуфуз ва эътибори онро дар ҷаҳони ислом баланд мебардорад.

Ҳукумати Арабистони Саудӣ бо назардошти меъёрҳои ҳамбастагии исломӣ дар сиёсати хориҷии худ ҷиҳати ҳалли ихтилофоти минтақавӣ ва ҳолатҳои буҳронӣ дар кишварҳои минтақаи Шарқи Наздик бетараф нест. ШАС бузургтарин ва бонуфузтарин узви эътилофи монархияҳои араби Халиҷи Форс ба шумор маравад ва таносубан «кулли мушкилоти ҷиддии Шарқи Наздик бидуни иштироки Шоҳигарии Арабистони Саудӣ баррасӣ намегардад» [65, с. 54].

Мавқеи стратегӣ, нақши муассир доштан дар ҷаҳони арабу ислом ва соҳиби бузургтарин захираи нефти ҷаҳон будан Арабистони Саудиро барои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хеле муҳим гардонидааст. Зимнан, «20%-и воридоти нефти Америка ба Арабистони Саудӣ вобаста

аст» [65, с. 58]. Ҳар ду кишвар манфиатҳои муштарак доранд ва дар масъалаҳои амнияти минтақавӣ, содирот ва воридоти нефт, рушди устувори иқтисодӣ ва раванди сулҳи Шарқи Наздик доимо машварат мекунанд. Арабистони Саудӣ шарики қавии ИМА дар мубориза бо терроризм, ҳамчунин, дар соҳаҳои низомӣ, дипломатӣ ва молӣ ба шумор меравад.

Шомил шудани Арабистони Саудӣ ба G20 ва низомҳои молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ аз мавқеъ ва мақоми хоси ин кишвар дар ҳалли масоили мубрами ҷаҳон дарак медиҳад.

Давлати Қатар яке аз давлатҳои бойтарини дунё ба шумор рафта, дар ҷаҳон аз ҷиҳати захираҳои гази табиӣ мақоми сеюм ва аз ҷиҳати содироти гази табиӣ мақоми шашумро ишғол мекунад. Ҳамчунин, яке аз содиркунандагони нефт ва маҳсулоти нефтӣ (21-ум дар ҷаҳон) мебошад.

Асосгузории давлати Қатар – Шайх Муҳаммад Оли Сонӣ мебошад, ки зимоми ҳокимият ва амириро дар ин кишвар соли 1868 ба даст гирифтааст. Соли 1995 дар таърихи навини Давлати Қатар таҳаввулоти ҷиддӣ ва тақдирсоз рух дод, ки «дар пайи як табаддулоти «нарм» Шайх Ҳамад ибни Халифа Оли Сонӣ ба ҷойи падари худ ба тахти амирӣ нишаст» [79, с. 172]. Ӯ дар давраи ҳукмронии худ дар Қатар ислоҳоти васеи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиро роҳандозӣ намуда, кишварро аз доираи буҳрони иқтисодӣ раҳонид ва ба сафи кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ қудратманди минтақа ва ҷаҳон ворид намуд. Қатар имрӯз ба сабаби бойигарии зеризаминӣ даромади саршори нефту гази табиӣ, ба яке аз сарватмандтарин кишварҳои минтақа табдил ёфт.

Умуман, Қатар солҳои охир дар минтақа мавқеи намоён пайдо кардааст, ки мехоҳад на танҳо нуфузи иқтисодӣ, балки сиёсии худро низ баланд бардорад. Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) 2-юми декабри соли 1971 «бо муттаҳид шудани шаш аморат (Абу-Забӣ أبو ظبي , Дубай دبي , Аҷманعجمان , Умм-ул-Қайвайн أم القيوين , ал-Фуҷайра الفجيرة ва аш-Шориқа الشارقة) бо номи Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) ҳамчун давлат таъсис ёфтаст» [25, с. 5]. Феврали соли 1972 ба он Аморати ҳафтум-Раъсу-л –Хайма ( رأس الخيمة) ҳамроҳ шуд.

Сохти давлатдории АМА монархияи мутлақи федеративӣ буда, сохтори маъмурии АМА ба захираҳои нефт дар қаламрави аморатҳо асос ёфтааст. Аз ин рӯ, захираҳои нефт таъсири баъзе аморатҳоро, махсусан,

амоpатҳои Абу-Забӣ ва Дубайро дар муайян намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии ин кишвар муассир гардонидааст.

Ҳарчанд ин кишвар аз нигоҳи ҷуғрофӣ хурд ҳам бошад, аммо аз нигоҳи сиёсӣ ва иқтисодӣ солҳои охир дар ҷаҳон ҷойгоҳи хосеро касб кардааст. Иқтисодиёти АМА бештар ба истеҳсоли нефт, ҷалби сайёҳӣ ва сармоягузорони хориҷӣ вобаста буда, дар Шарқи Наздик ҳамчун як маркази иқтисодӣ ва сармоягузорӣ шинохта мешавад. Тибқи маълумоти ОПЕК, захираҳои исботшудаи нефт дар АМА 97,8 млрд. баррел (13 млрд. тонна)-ро ташкил медиҳад. Захираи исботшудаи гази табиӣ бошад – 6,1 триллион м$^3$ мебошад. АМА «бо 10 %-и захираҳои нефти ҷаҳон пас аз Арабистони Саудӣ ва Ироқ дар ҷои сеюм ва аз рӯи захираҳои гази табиӣ, пас аз Россия, Эрон ва Қатар мутаносибан дар ҷаҳон мавқеи чорумро ишғол мекунад» [71, с. 117].

АМА дар сиёсати хориҷии худ нисбат ба дигар кишварҳои араби Халиҷи Форс сиёсати самараноки муътадил дорад, ки меҳвари сиёсати хориҷии онро сармоягузорӣ ва рушди тиҷорат ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, низоми давлатдории кишварҳои араби Халиҷи Форс нисбат ба сиёсати дигар кишварҳои ҷаҳон фарқ мекунад, зеро ташаккулдиҳандаи самти сиёсати ин давлатҳо низоми шоҳӣ ё амириву султонӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар муайян кардани самти сиёсати давлат аз як гурӯҳи мушаххаси наздик ба шоҳ ё амир тасмим гирифта мешавад. Бо вуҷуди ин, ҳар кадом аз ин кишварҳо кӯшиш менамояд, ки дар сиёсати хориҷии худ дар минтақа нақши муҳим ва ҳалкунанда дошта бошанд.

Дар **фасли дуюми боби якум – «Аз таърихи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб»** раванди ташаккули муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус ШАС, Қатар ва АМА таҳқиқ гардидааст.

А) Муносибатҳои Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ. Муносибат ва ҳамкорӣ бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (ШАС) дар контексти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хос дорад. Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо ин кишвар бо назардошти баъзе вижагиҳои низоми ин давлат ва манфиатҳои миллию давлатии худ анҷом медиҳад. ШАС аввалин кишвари арабие мебошад, ки 11-уми январи соли 1992 истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф кард ва 22-юми феврали соли 1992 байни ду кишвар муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд [23, с. 84]. Аз моҳи сентябри соли 2008 сафорати Тоҷикистон дар пойтахти ин

кишвар – шаҳри Риёз фаъолият менамояд. ШАС аз байни кишварҳои араб аввалин шуда моҳи январи соли 2010 сафорати худро дар Тоҷикистон ифтитоҳ кард.

Робитаҳои наздики Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ аз нахустин сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ШАС, ки 30 июн - 2 июли соли 1997 сурат гирифт, сарчашма мегирад. Ин сафар ба рушди муносибатҳои мутақобилан судманди Тоҷикистону Арабистони Саудӣ замина гузошта, ҳафт сафари расмӣ ва кории баъдӣ дар солҳои 2001, 2005, 2016, 2017, 2023 (ду маротиба) ва 2024 [104] ба рушди ҳамкориҳо мусоидат кардааст.

Таҳқиқ маълум намуд, ки муносибатҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ барои густариши минбаъдаи ҳамаҷониба захираи кофӣ доранд. Аз нигоҳи дурнамои манфиатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти имкониятҳои васеи сармоягузории ШАС ва густариши муносибатҳо бо ин кишвар ба манофеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Ҷалби сармоягузории мустақим аз муассисаҳои молиявӣ ва ширкатҳои бузурги ШАС барои рушди иқтидори истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани технологияи муосир дар бахшҳои энергетика, нақлиёт, масолеҳи сохтмонӣ, нассоҷӣ, коркарди сангҳои қимматбаҳо, дорусозӣ, мауодди хӯрокворӣ, сохтани маҷмааҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонаҳои замонавӣ хеле муҳим аст.

Умуман, мақом ва манзалати ШАС дар байни кишварҳои араб ва пешрафти ҷомеаи ҷаҳон, махсусан, олами мусалмон муассир аст. Ҷалби сармояи саудӣ барои рушди бахшҳои иқтисоди миллии Тоҷикистон, ки дорои захираву имкониятҳои фарох аст, зарур мебошад. Истифода аз имконоти фаровони иқтисодӣ ва сармоягузориҳои Арабистони Саудӣ ба рушди устувори иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири мусбат хоҳад гузошт.

Б) Тоҷикистон ва давлати Қатар. Муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Қатар 13-уми декабри соли 1994 барқарор шудааст. Моҳи ноябри соли 2012 сафорати давлати Қатар дар шаҳри Душанбе ва моҳи майи соли 2013 сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давҳа ифтитоҳ ёфтанд [104].

Тоҷикистон давлати Қатарро, ба ҳайси яке аз кишварҳои пешрафтаи минтақаи Ховари Миёна ва умуман, ҷаҳони муосир мешиносад. Тоҷикистон ва давлати Қатар равобити дӯстӣ ва шарикии судманди гуногунҷанбаро роҳандозӣ намудаанд. Миёни онҳо муколамаи созандаи сиёсӣ ба роҳ монда шудааст, ки самтҳои афзалиятноки тамоми

маҷмуи муносибатҳои ҷонибҳоро, аз ҷумла, дар соҳаҳои гуногуни иқтисод муайян мекунад. Чунончи, Президенти кишвар дар мулоқоти худ бо доираҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ширкатҳои Давлати Қатар изҳор дошт: «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои мо ба шумор меравад» [103].

Қатар аввалин кишвари арабие аст, ки амирони он се маротиба, аз ҷумла, ду маротиба бо сафари расмӣ: Амири қаблӣ – марҳум Шайх Ҳамад бин Халифа Оли Сонӣ (الشيخ حمد بن خليفة آل الثاني, августи 2007) ва ҳозирааш – Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ (الشيخ تميم بن حمد آل الثاني, 8-9-уми июни 2023), ҳамчунин, бо сафари корӣ ҷиҳати иштирок дар Ҳамоиши панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (14-15 июни соли 2019) ба Тоҷикистон ташриф овардаанд [95].

Таърихи муносибатҳои Тоҷикистону Қатарро метавон ба ду марҳила тақсимбандӣ кард: «аз моҳи сентябри соли 1994 то 2006 ва аз соли 2007 то имрӯз» [106]. Дар марҳалаи аввал бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ва масруфияти кишвар барои барқарор сохтани сохти конститутсионӣ, бартараф намудани оқибатҳои даргириҳои харобиовар ва таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ имконияти густариши робитаҳо ба миён наомад ва дар марҳалаи дуюм бошад, тавассути боздидҳои расмии мутақобилаи сарони ҳар ду кишвар робитаҳо густариш ёфтааст.

Дар марҳалаи дуюм, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон «чор маротиба (6-7-уми майи 2007, 5-7-уми феврали 2017, 21-22-юми январи 2024 ва 17-уми феврали 2024)» [104] ба Қатар сафарҳои расмӣ ва корӣ анҷом додааст. Қатар «аввалин кишвари арабе мебошад, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон мустақиман сармоягузорӣ кардааст (лоиҳаи «Диёри Душанбе» ва калонтарин масҷиди ҷомеъ дар Осиёи Марказӣ)» [96].

Дар маҷмуъ, тавсеаи ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию башарӣ миёни Тоҷикистон ва Қатар дар тақвияти ҳамкориҳои байниминтақавӣ, таъмини суботу амнияти минтақа ва рушди муносибатҳои бемайлони ҳар ду ҷониб нақши созанда ва муассир хоҳад дошт. Доштани робитаҳои бисёрсамта бо чунин кишвари сарватманди Халиҷи Форс дар шароити имрӯза барои Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад.

В) Равобити Тоҷикистон ва Аморати Муттаҳидаи Араб. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) 19-уми

декабри соли 1995 муносибатҳои дипломатӣ барқарор кардааст [23, с. 82]. 17-уми марти 2007 Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Дубайи АМА таъсис ёфт. 20-уми апрели 2010 АМА аввалин Сафири ғайримуқимии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқоматгоҳ дар шаҳри Остона таъйин намуд. 8-уми октябри 2010 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Аморoти Муттаҳидаи Араб таъсис ёфта, фаъолияти худро аз аввали соли 2011 оғоз намуд.

Президенти Тоҷикистон дар давоми соҳибистиқлолӣ чор маротиба, аз ҷумла, се маротиба сафари расмӣ (16-18-уми декабри соли 1995; 9-13-уми апрели соли 2007 ва 16-17-уми марти соли 2016) ва як маротиба (30-юми ноябр то 2-юми декабри 2023) ҷиҳати иштирок дар Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим ба АМА сафари корӣ анҷом додааст.

Аз 1-уми январи соли 2022 шаҳрвандони Аморoти Муттаҳидаи Араб бидуни раводид метавонанд ба Тоҷикистон ба муҳлати 30 рӯз сафар намоянд. Ҳамчунин, аз 29 январи соли 2023 низоми рафтуомади бераводид миёни ду кишвар барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ, хидматӣ ва махсус ба иҷро даромад. Айни ҳол заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Аморoти Муттаҳидаи Арабро 27 санади байнидавлатию байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ташкил медиҳад [104].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози истиқлол ба эҳё ва густариши равобиту ҳамкориҳои васеъ бо Аморoти Муттаҳидаи Араб таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар доираи сиёсати «дарҳои боз» тамоми заминаҳои меъёрию ҳуқуқиро бо афзалиятҳо фароҳам овардааст. Ин имкон медиҳад, ки ширкатҳои АМА, аз ҷумла муассисаҳои молиявию кумакрасони Аморот ҳар чи бештар бо сармояи хеш дар амалӣ кардани лоиҳа ва барномаҳо дар самти истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, бунёди неругоҳҳои хурду миёнаи обӣ-барқӣ, такмили инфрасохтори нақлиётӣ, сохтмон, кишоварзӣ, бонкдорӣ, рушди сайёҳӣ ва баҳрабардорӣ аз татбиқи онҳо иштироки фаъол намоянд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Инъикоси муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону кишварҳои араб дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс»** унвон дошта, аз **се фасл** таркиб ёфтааст. Дар **фасли аввал – «Воқеоти Тоҷикистон дар Агентии иттилоотии Саудӣ»** доманаи воқеаву рӯйдод ва шеваи инъикоси онҳо дар

агентии иттилоотии ШАС мавриди таҳқику таҳлил қарор гирифтааст. Асоси низоми ВАО-и Саудиро сохти давлатдории монархиявии он ташкил медиҳад. ВАО самти сиёсати шоҳаншоҳиро тарғиб намуда, аз тарафи давлат (шоҳ) назорат карда мешавад. ВАО бо розигии шоҳ таъсис дода шуда, манфиату мавқеи онро ҳимоя мекунад. Соҳибони матбуот ва дигар ВАО-и ғайридавлатӣ низ шахсони наздики шоҳанд. Дар маҷмуъ, ҳадаф ва вазифаи асосии расонаҳои иттилоотӣ дар Арабистони Саудӣ, асосан, «таҳкими нақши стратегии шоҳигарӣ ва ҷойгоҳи он дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад» [12, с. 21].

Агентии иттилоотии Саудӣ (وكالة الانباء السعودية) (шакли ихтисоршудааш: АИС, бо англисӣ SPA, бо арабӣ واس) маводди роҷеъ ба Тоҷикистонро асосан зери рубрикаҳои «сиёсӣ» (سياسي), «умумӣ» (عامٌّ), «иқтисодӣ» (اقتصادي), «иҷтимоӣ» (اجتماعي), «фарҳангӣ» (ثقافي), «варзишӣ» (رياضي), «ҳаҷ (حج), «рӯзи таъсис» (يوم التأسيس), «рӯзи миллӣ» (اليوم الوطني), «ҳисобот» (تقرير ), «рамазон» (رمضان), «сайёҳат ва фароғат» (سياحة وترفيه), «муҳити зист» (بيئي) ва «рӯзномаҳои саудӣ» ( الصحف السعودية) ба табъ расонидааст. Тули солҳои 2014 – 2024 дар 1132 мавод номи Тоҷикистон зикр шудааст. Аз ҷумла, дар рубрикаи «умумӣ» – 500, «сиёсӣ» – 245, «иқтисодӣ» – 80, «иҷтимоӣ» – 31, «фарҳангӣ» – 31 ва «варзишӣ» – 186 мавод. Дар ин пажуҳиш мо танҳо ба маводде таваҷҷуҳ кардем, ки бевосита ба рӯйдодҳои Тоҷикистон тааллуқ доранд. Ин гуна маводро аз нигоҳи муҳтаво ба чунин бахшҳо метавон ҷудо намуд:

1) Робитаҳои дипломативу сиёсии Тоҷикистон (сафарҳои расмӣ аз ду ҷониб, имзои қарордодҳо ва ғ.);

2) Ҳамкориву робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, амниятӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ;

3) Кумакҳои башардӯстонаи ШАС ба Тоҷикистон;

АИС ба инъикоси робитаҳои дипломативу сиёсии Тоҷикистон (сафарҳои расмӣ аз ду ҷониб, имзои қарордодҳо, ҷаласаҳои машваратҳои сиёсии дуҷониба ва ғ.) таваҷҷуҳи бештар дорад. Чунин мавод таҳти рубрикаи «сиёсӣ» (سياسي) ба табъ расидааст. Маводди ин рубрика бештар ба самти сиёсати хориҷии Тоҷикистон марбут буда, ҷараёни сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои хориҷӣ (ШАС, АМА, Урдун, Қатар, Миср, Баҳрайн, Покистон, Эрон, Чин, Россия), мулоқоти ҳайатҳои ҳукуматии ҷонибҳо ва музокироти онҳоро дар бар мегирад. Махсусан, сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (... 2016, 2017, 2023,

2024), Баҳрайн (2014), Кувайт (2016, 2024), Қатар (... 2017, 2024), Шоҳигарии Урдун (2017), Покистон (... 2022) [1] ва ғайра батафсил инъикос карда шудааст. Инъикоси сафарҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, кишварҳои араби Халиҷи Форс бо вижагиҳои умумӣ ва хос сурат гирифтааст.

АИС, ҳамчунин, доир ба сафари Сарвазири Тоҷикистон ба Қатар [1, 2015. – 20 сентябр], сафари Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ба ШАС чор мавод [1, 2017. – 20-22 январ], сафарҳои мутақобилаи Прокуророни генералии ҳар ду кишвар [1, 2022. – 27 август], вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин ба Арабистони Саудӣ ва вохӯриҳои ӯ бо воломақомони Саудӣ, низ таваҷҷуҳ намуда, хабарҳо ба нашр расонидааст.

Як бахши маводди сомонаи АИС-ро рубрикаи «Аз олами ислом» ташкил медиҳад, ки зери он доир ба мавқеи географӣ, сарватҳои зеризаминӣ, шуғли мардум, иқтисодиёти кишвар ва воридоту содироти Тоҷикистон матолиб ба табъ расонидаст, ки ҷиҳати муаррифии Тоҷикистон ба олами араб хеле муфид аст. Аз ҷумла, тавассути хабари ин рубрика хонандаи араб дар бораи аз ҷиҳати захира ва сарчашмаҳои истеҳсоли неруи барқ дар ҷаҳон ҷои намоёнро ишғол намудани Тоҷикистон воқиф гардида, доир ба содироту воридоти маҳсулот дар кишвари мо тасаввурот пайдо кардааст [1, 2011. – 29 октябр]. Чунин иттилоот барои шинохту муаррифии Тоҷикистон ба олами араб муҳим аст.

Мавзуи дигаре, ки Агентии иттилоотии Саудӣ бештар ба он таваҷҷуҳ кардааст, инъикоси ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистону ШАС мебошад. Маводди сомонаи Агентии иттилоотии мазкур, аз ҷумла: «Палатаи савдои Макка панҷ Ёддошти тафоҳум ва шартномаҳои иқтисодӣ байни бахшҳои тиҷоратии Арабистони Саудӣ ва Тоҷикистон ба имзо расонид» [1, 2022. – 29 май], «Девони умумии мусоҳибот бо Палатаи ҳисоби Тоҷикистон Ёддошти тафоҳум дар бораи таҳкими кори назоратӣ ба имзо расонд» [1, 2023. – 8 март], «Созишнома байни Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Тоҷикистон дар бораи таъсиси Шурои муштараки соҳибкорон» [1, 2024. – 25 ноябр] ва ғайра баёнгари он аст, ки ҳамкориҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон бо ШАС сол ба сол густариш меёбад.

Муҳтавои дигари маводди АИС-ро масъалаи рафъи бухрони ҷаҳонии об ташкил медиҳад. Аз мазмуни матолиби ин агентӣ бармеояд, ки ШАС ҳамеша иқдомоти Ҳукумати Тоҷикистонро пуштибонӣ намуда, дар ҳамаи конфронс ва ҳамоишҳои байналмиллалӣ, аз ҷумла, Конференсияи

дуюми байналмилалии «Даҳсолаи байналмилалии амал барои об» дар Тоҷикистон [1, 2022. – 17 июн] ва Конференсияи СММ роҷеъ ба об дар Ню-Йорк [1, 2023. – 21 март] иштирок ва суханронӣ кардааст.

Сафарҳои шахсони воломақоми Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон, самт ва раванди таҳкими муносибатҳои ду минтақаи ниҳоят муҳимми стратегӣ – Осиёи Миёна ва Халиҷи Форс низ аз воқеаҳои хабарсоз маҳсуб меёбад.

Аз омӯзиши маводди сомонаи АИС бармеояд, ки дар контенти муҳтавоии он кумакҳои башардӯстонаи ШАС ба Тоҷикистон тавассути Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон мавқеи муҳим дорад. Сомонаи АИС доир ба ин масъала матолиби зиёде интишор намудааст. Масалан, соли 2023 роҷеъ ба мавзуи мазкур таҳти рубрикаҳои «Иҷтимоӣ» ва «Умумӣ» 11 мавод ба табъ расидааст, ки 8 хабар дар бораи тақсими кумакҳои мухталифи Маркази имдод ва кумаки башардӯстонаи шоҳ Салмон Салмон ба ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [1, 2023. – 18-29 апрел].

Умуман, таҳқиқи маводди АИС нишон медиҳад, ки тули солҳои истиқлол робитаҳои дипломатию иқтисодии Тоҷикистону Арабистони Саудӣ бо ташкил ва баргузории сафарҳои сатҳи олӣ, вохӯриҳои мутақобила, форумҳои сармоягузорӣ ва амсоли ин густариш ёфтааст. Инъикоси ин ва дигар рӯйдодҳо дар васоити ахбори омма ба раванди инкишофи муносибат миёни кишварҳо ва муаррифии Тоҷикистон дар олами араб таъсиргузор будааст. Ин гувоҳи он аст, ки маводди мавриди таҳқиқ дорои фрейминги мусбат ва ҳамкоримеҳвар мебошад. Аз ин рӯ, муаррифӣ гаштани Тоҷикистон дар олами араб ҳамчун давлати амну осуда ва демократӣ нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар **фасли дуюми** ин боб – «**Баррасии масоили муносибатҳои дуҷониба дар Агентии иттилоотии Қатар»** нақши ин агентии мазкур дар инъикоси воқеиятҳои марбут ба ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қатар таҳқиқ шудааст. Агентии иттилоотии Қатар (шакли ихтисоршудааш бо арабӣ - قنا, англисӣ – QNA, тоҷикӣ - АИҚ (Қ.С.)) 25-уми майи соли 1975 бо фармони Амир таҳти № 94 таъсис ёфтааст. Дар моддаи аввали ин фармон қайд шудааст, ки «Агентӣ ба Вазорати иттилоот тобеъ аст ва директори агентӣ бевосита ба Вазири иттилоот итоат мекунад» [115].

АИҚ маводди худро бо панҷ забон: арабӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва испанӣ пахш мекунад. Агентии мазкур воқеиёти марбут ба

Тоҷикистонро асосан дар сомонааш таҳти рубрикаҳои «Қатар» (قطر), «Ахбор мунавваъат (гуногун)» (منوعة أخبار), «Иқтисод» (اقتصاد), «Тақорир ва диросот» (ودراسات تقارير), «Варзиш» (رياضة) ва «Ом» (عام) нашр мекунад. Таҳқиқи маводди солҳои 2014-2024-и сомонаи АИҚ маълум намуд, ки дар 734 маводди он номи Тоҷикистон зикр шудааст [2]. Маводди сомонаи АИҚ баёнгари он аст, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо Қатар сол ба сол инкишоф меёбад. Барои мисол агар дар маводди солҳои 2014-2019 Тоҷикистон ҳар сол дар 15-20 матлаб ёд шуда бошад, дар солҳои 2021-2024, ба ҳисоби миёна, дар як сол дар 90-100 мавод зикр шудааст. Инъикоси мунтазами равобити Тоҷикистон бо Қатар барои аудиторияи араб ҷиҳати эътимод ва нуфузи байналмилалии кишвар шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар низоми матолиби АИҚ раванди муносибатҳо ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар мавқеи назаррас дорад. Чунончи, танҳо дар соли 2023 ин сомона роҷеъ ба Тоҷикистон, дар маҷмуъ 176 мавод нашр намудааст, ки аз он 74 матолиб ба мавзуи равобит ва ҳамкориҳои дуҷониба бахшида шудааст. Аз ин теъдод ахбори расмӣ, ба хусус аз натиҷаи сафарҳои расмии сарони ҷонибҳо бештар аст. Барои мисол, ин сомона танҳо дар рӯзи 8-уми июни 2023 дар ҳошияи сафари расмии Амири Қатар ба Тоҷикистон 23 (бисту се) мавод ба табъ расонидааст, ки дар маҷмуъ, тамоми ҷузъиёти сафари ӯро фаро мегирад [2, 2023. – 8 июн].

АИҚ вохӯриҳои Президенти Тоҷикистон бо Президенти Эрон, Сарвазири Покистон, ҳамоиши соҳибкорони Тоҷикистону Туркия дар Душанбе, нишасти СҲШ дар Ӯзбекистон, иштироки Қатар дар нахустин нишасти муштараки вазирони муколамаи стратегӣ байни ШҲКАХФ ва кишварҳои Осиёи Миёна, мулоқоту вохӯриҳои вазирону сафирони Тоҷикистону Қатар дар ҳошияи ҳамкориҳои расмӣ ва муносибатҳои дӯстона инъикос намуда, барои шинохти Тоҷикистон дар олами араб фазои мувофиқ фароҳам меоварад.

Яке аз воқеаҳое, ки дар ВАО-и кишварҳои араб, аз ҷумла АИҚ ба таври васеъ инъикос гардидааст, баргузории конфронс ва ҳамоишҳои байналмилаливу минтақавӣ дар шаҳри Душанбе мебошад. Намояндагони давлати Қатар дар ҳама ҳамоиш ва конференсияҳои минтақавию байналмилалӣ фаъолона ширкат варзида, аз рафти он аудиторияи худро огоҳ намудаанд [2, 2022. – 8 июн; 18 октябр].

АИҚ ба воқеаву ҳодисаҳои рӯзмарраи Тоҷикистон, ки сабаби дар сархати расонаҳои хабарии ҷаҳон, аз ҷумла араб, қарор гирифтани

кишварамон гардидааст, таваҷҷуҳ намудааст. Аз ҷумла, дар инъикоси таҳаввулоти Афғонистон ва бозгашти ҳаракати Толибон ба сари қудрат, Тоҷикистон ба ҳайси давлати ҳаммарз, шарики амниятии Россия ва аз иштирокчии фаъоли нишастҳои минтақавӣ муаррифӣ шудааст. АИҚ бештар раванд ва натиҷаи сафарҳои расмии сарони кишварҳои Тоҷикистон ва Қатар таваҷҷуҳ кардааст. Аз таҳлили муҳтаво ва тарзу усули пешниҳоди маводди ин агентӣ дар бораи Тоҷикистон бармеояд, ки он аз маводди сомонаҳои хориҷӣ низ зиёд истифода кардааст. Аксарияти мавод хусусияти хабарӣ дошта, муносибат ва мавқеи аниқ дар таҳлили воқеаҳо камтар ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки агентӣ нақши Қатарро ҳамчун шарики стратегӣ, ки ҳамкориҳои бисёрҷонибаро бо Тоҷикистон инкишоф медиҳад, таъкид мекунад. Маводди ин агентӣ баёнгари манфиатдор будани ҳам Тоҷикистон ва ҳам Қатар ба густариши ҳамкориҳо дар бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аст.

Дар **фасли сеюми боби дуюм**, ки **«Нақши Агентии иттилоотии Аморот дар инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон»** ном дорад, дараҷа ва роҳу тариқаҳои инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон дар агентии мазкур таҳқиқ гардидааст. ВАО дар Амороти Мутаҳҳидаи Араб аз ибтидо таҳти таваҷҷуҳ ва назорати қатъии ҳукумат қарор дорад ва «барои тақвияти ин таъсир ҳам аз усулҳои маъмурӣ ва ҳам аз фишангҳои иқтисодӣ истифода мебарад» [73, с. 126].

Агентии иттилоотии Аморот (وكالة انباء الامارات) (шакли мухтасараш бо арабӣ وام, бо англисӣ WAM, бо тоҷикӣ АИА) дар фазои иттилоотии Аморот мавқеи муҳим дошта, дар муаррифии Тоҷикистон ба олами араб фаъол аст. АИА номи Тоҷикистонро муддати солҳои охир (2014-2024) дар 353 мавод [3] зикр кардааст.

Омӯзиши мавод баёнгари он аст, ки Агентии иттилоотии мазкур, асосан, ба масъалаҳои муносибат ва ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва АМА бештар таваҷҷуҳ кардааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, аз 353 хабару гузоришоте, ки бевосита ба Тоҷикистон рабт дорад, 137-тои мавод ба мавзуи муносибату ҳамкориҳо рост меояд, ки 38,8 %-ро ташкил медиҳад.

Дар қиёс бо дигар агентиҳои иттилоотии араб АИА дар инъикоси воқеаву рӯйдодҳои Тоҷикистон мавқеи беғаразона ва ҳамзамон нисбатан бетафовутона дорад. Он ба раванди муносибатҳои Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, оид ба

муносибат ва ҳамкориҳои онҳо маводди зиёд ба табъ расонидааст, ки дар муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳони араб нақши муҳим бозидаанд.

Яке аз рӯйдодҳои муҳимме, ки ин агентӣ пайваста таваҷҷуҳ намудааст, сафар ва мулоқоту вохӯриҳои мутақобилаи намояндагони ҳар ду давлат мебошад. Аз ҷумла, сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ва вохӯрию мулоқотҳои ӯ бо роҳбарони Арабистони Саудӣ [3, 2016. – 3 январ] ва АМА [3, 2016. – 16-17 март], сафари расмии вазири хориҷии АМА ба Тоҷикистон ва мулоқоти ӯ бо Президенти кишвар [3, 2017. – 26 май], вохӯриҳои Сафири ғайримуқими АМА дар Тоҷикистон бо Сарвазири кишвар Қаҳор Расулзода, вазирони корҳои хориҷӣ ва дохилӣ [3, 2017. – 21-23 ноябр] ва ғайра хабар додааст. АИА раванди сафарҳоро бо баргузории мулоқотҳо ва қабули созишномаву қарордодҳо ба таври силсилавӣ ва фарогир инъикос намудааст.

Мавзуи дигаре, ки АИА ба он таваҷҷуҳ кардааст, инъикоси ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистон ва АМА мебошад. Дар сомонаи агентӣ роҷеъ ба ин мавзуъ маводди зиёд ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, «Имзои санадҳои тасдиқи Созишнома оид ба интиқоли шахсони маҳкумшуда байни Аморот ва Тоҷикистон» [3, 2018. – 18 апрел], «Прокурори генералии Аморот бо Тоҷикистон ҳамкориҳои судиро баррасӣ мекунад» [3, 2018. – 10 декабр], «Форуми соҳибкорони Шарҷа-Тоҷикистон имконоти шарикӣ дар бахшҳои тиҷорат ва сармоягузориро баррасӣ мекунанд» [3, 2021. – 3 август], «Аморот дар конфронси байналмилалии «Об барои рушд» дар Тоҷикистон иштирок мекунад» [3, 2022. – 5 сентябр], «Бонки марказии Амороти Муттаҳидаи Араб ва Бонки Тоҷикистон ёддошти тафоҳум имзо карданд» [3, 2024. – 13 декабр] ва ғ.

Кумакҳои хайриявии муассисаҳои ароматӣ, аз қабили «Дору-л-барр» (دار البر), «Набазот» (نبضات) ва «Сақя-л-иморот» (سقيا الإمارات) ба Тоҷикистон низ аз мавзуъҳои АИА будааст. Ба гунаи далел, АИА солҳои 2022-23 ду мавод таҳти сарлавҳаҳои якхела «Ҳайати «Хайрияи Шарҷа» аз лоиҳаҳои донории ин ҷамъият дар Тоҷикистон дидан мекунад» чоп кардааст [3, 2022. – 21 сентябр]. Дар гузориши соли 2023 иттилоъ додааст, ки ҳайати корӣ таҳти сарварии Муҳаммад Ҳамдон аз-Зарӣ Раиси бахши лоиҳаҳо ва кумакҳои ин иттиҳодия ба Тоҷикистон сафар карданд.

АИА дар баробари инъикоси муносибату ҳамкориҳо, инчунин, ба ҳаводису воқеаҳои Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Чунончи, ба истифода додани агрегатҳои якум [3, 2018. – 16 ноябр] ва дуюми НБО-и «Роғун» [3, 2019. – 9 сентябр] , дар бораи боришоти зиёд ва обхезӣ дар

Тоҷикистон, ки боиси ҳалокату захмӣ шудани шумораи одамон гардидааст [3, 2023. – 1 сентябр] ва амсоли ин.

Воқеиятҳои дигаре, ки дар Агентии иттилоотӣ ба назар расид, робитаҳои фарҳангии байни Тоҷикистон бо АМА мебошад. Баргузории ҳафтаи мероси Тоҷикистон дар Шарҷа [3, 2018. – 22 январ], сафари ҳайати фарҳангии намояндагони АМА ба Тоҷикистон, ки аз 5-ум то 12 майи 2018, иштироки ҳайати донишкадаи дипломатияи фарҳангӣ дар ҷашнҳои иди Наврӯзи Тоҷикистон [3, 2022. – 22 март] ва амсоли ин аз ҷумлаи воқеаҳои фарҳангие мебошанд, ки АИА инъикос намудааст.

Хулоса, Агентии иттилоотии Аморот ба масъалаҳои муносибат ва ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва АМА бештар таваҷҷуҳ карда, дар қиёс бо дигар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб воқеиятҳои марбут ба Тоҷикистонро холисона инъикос намудааст. Маводди ин агентии иттилоотӣ баёнгари он аст, ки он инъикоскунандаи сиёсати хориҷии давлати АМА буда, тамоми вохӯрию мулоқотҳои аз ҷониби сарони ҳар ду кишвар рухдодаро матраҳ намуда, дар таҳкими муносибатҳои Тоҷикистон бо АМА саҳм гирифтааст.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Мавқеи ВАО-и Тоҷикистон дар бозтоби муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои араб»** унвон дошта, аз **се фасл** таркиб ёфта, доир ба нақши ВАО-и Тоҷикистон, аз ҷумла, АМИТ «Ховар», АИ «Азия-Плюс» ва сомонаи «Pressa.tj» дар инъикоси муносибатҳои мутақобилаи кишварҳо ва рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳони араб баҳс мекунад. Дар **фасли аввал – «Таҳлили мундариҷавии маводди АМИТ «Ховар»»** маводди марбут ба муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб таҳқиқ шудааст. АМИТ «Ховар» «сарчашмаи асосии хабарҳои расмӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад» [62, с. 4].

Дар сомонаи Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон – «Ховар» (мухтасар бо тоҷикӣ: АМИТ «Ховар»; англисӣ: NIAT «Khovar» (National information agency of Tajikistan); арабӣ: وكالة أنباء طاجيكستان الوطنية ) роҷеъ ба кишварҳои араби мавриди таҳқиқ, давоми солҳои 2014-2024 дар маҷмуъ «845 мавод ба мушоҳида расид, ки аз онҳо 393 мавод ба ШАС (46 %), 270 мавод (32 %) ба Қатар ва 182 мавод (22 %) ба АМА» бахшида шудааст [4].

Маводро вобаста ба мавзуъ ба се гурӯҳ метавон ҷудо кард:

1) Инъикоси муносибатҳои дуҷониба. Аз омӯзиш маълум шуд, ки бештари маводди сомонаи АМИТ «Ховар»-ро муносибатҳои дуҷониба

ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, аз 845 мавод 335-тои он ба мавзуи муносибатҳо рост меояд, ки 40 %-ро дар бар мегирад.

Сомонаи АМИТ «Ховар» дар муқоиса ба дигар кишварҳои араб ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бештар таваҷҷуҳ кардааст. Иттилооти он аз сафарҳои расмии мутақобила, мулоқоту вохӯриҳои анҷомдодаи Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони давлатҳои араб ва мулоқотҳои мутақобилаи ҳайатҳои баландпояи байнидавлатӣ (вохӯрии сафирону вазирон, ҳайатҳои ҳукуматӣ) иборат аст.

Аз 393 маводде, ки сомонаи «Ховар» роҷеъ ба ШАС таваҷҷуҳ кардааст, 157 матлаби он ба баррасии муносибатҳои дуҷониба бахшида шудааст, ки 39, 9 %-ро ташкил медиҳад. Ба далел, сомонаи «Ховар» танҳо дар бораи сафарҳои кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (18-19-уми июли соли 2023 ҷиҳати иштирок дар ҳамоиши якуми сарони давлатҳои араби Халиҷ ва Осиёи Миёна, 10-11-уми ноябри солҳои 2023 ва 2024 иштирок дар Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ) 11 мавод ба табъ расонида, аз рафти сафар, мулоқотҳо ва мавзуъҳои баррасишуда хабар додааст [4]. Дар иттилооти интишоршуда муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ асосан дар қолаби ҳамкории мусбат ва рушди муносибатҳои созанда арзёбӣ гардидааст.

Сомонаи АМИТ «Ховар» доир ба муносибати Тоҷикистону Қатар нисбат ба ШАС каме зиёдтар (40,3 %, аз 270 мавод 109-тои он ба мавзуи мазкур рост меояд) маводди хабарӣ ба табъ расонидааст. Аз ин рӯ, АМИТ «Ховар» рисолати худро иҷро карда, доир ба ҳамаи мулоқоту вохӯриҳои сарони кишварҳо мавод чоп кардааст.

АМИТ «Ховар» дар баробари дигар кишварҳо роҷеъ ба муносибатҳои Тоҷикистон бо Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) низ таваҷҷуҳ карда, раванди ҳамкориву муносибатҳоро инъикос намудааст. Аз «182 маводде, ки давоми солҳои 2014-2024 ба АМА бахшида шудааст» [4], 69-тоаш (37,9%)-ро мавзуи мазкур ташкил медиҳад. Омили асосии муҳтавои маводди сомона сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон ба АМА маҳсуб меёбад.

Дар умум, АМИТ «Ховар» тавассути инъикоси сафарҳои расмӣ, мулоқотҳои дипломатӣ ва фаъолияти низомҳои ҳамкории байниҳукуматӣ дар муаррифии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими робитаҳо бо кишварҳои араби Халиҷи Форс нақши созанда гузоштааст.

2) Инъикоси ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс. Аз маводди ин агентӣ бармеояд, ки солҳои охир таваҷҷуҳи се давлати араби Халиҷи Форс (ШАС, Қатар, АМА) ба минтақаи Осиёи Миёна, аз ҷумла, Тоҷикистон, ба таври назаррас афзуда, ҳар яки он ҷудогона барои вуруд ба иқтисоди Тоҷикистон талошҳо кардаву мекунанд. Давоми солҳои 2014-2024 доир ба кишварҳои араби мавриди таҳқиқ (ШАС, Қатар, АМА) 845 мавод ба мушоҳида расид, ки 332 (39,2%)-и онро ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо ин кишварҳо дар бар мегирад.

Дар сомонаи АМИТ «Ховар» роҷеъ ба ШАС дар маҷмуъ 393 мавод ба мушоҳида расид, ки 148-тои онро (37,6 %) ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистону ШАС-ро ташкил медиҳад.

Аз матолиби АМИТ «Ховар» бармеояд, ки солҳои охир ҳар ду давлат кӯшиш менамоянд, ки барои рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ заминаҳои мусоид фароҳам оваранд. Аз ҷумла, ташкили форумҳои байналмилалии сармоягузорӣ, комиссияҳои байниҳукуматӣ ва дигар чорабиниҳои иқтисодӣ-сиёсӣ ба рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии ҳар ду давлат метавонанд мусоидат намоянд. Масалан, соли 2023 дар сомонаи АМИТ «Ховар» доир ба ҳамкориҳо 21 мавод, аз ҷумла, дар бахшҳои маориф (5 мавод), сармоягузорӣ ба Роғун (3 мавод), ҳамкорӣ бо Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи Шоҳ Салмон (2 мавод), сайёҳӣ (2 мавод), содироти маҳсулоти Тоҷикистон ба ШАС (2 мавод), муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи инсон, мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, гумрук ва кишоварзӣ чоп шудааст. Соли 2024 бошад, шумораи маводди роҷеъ ба ҳамкориҳои дуҷониба ба 37 адад расидааст [4].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки вохӯриҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони воломақоми Арабистони Саудӣ дорои аҳаммияти сиёсӣ буда, ҳамчун омили асосии ташаккули рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ хизмат мекунад.

Ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Қатар низ аз таваҷҷуҳи АМИТ «Ховар» дур набудааст. Мувофиқи мушоҳидаҳои мо аз 270 маводде [4], ки роҷеъ ба Қатар бахшида шудаст, 116-тои онро (42,9 %) масоили ҳамкориҳои дуҷониба ташкил медиҳад. Ин омор ба он далолат мекунад, ки сомона ба самтҳои гуногуни афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳи бештар дорад. Таҳқиқот нишон дод, ки тайи солҳои охир сафарҳои расмии сатҳи олии дуҷониба ҳамкориҳои

байнидавлатиро байни Тоҷикистон ва Қатар дар ҳамаи самтҳо тақвият дода, бо маром рушд карда истодааст.

АМИТ «Ховар» ҳамасола раванди ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистону Қатарро инъикос намуда, аҳаммият ва манфиати рӯйдодҳои навини марбут ба ҳамкориҳоро шарҳу тавзеҳ додааст. Мувофиқи ахбори АМИТ «Ховар», давоми солҳои 2012-2023 аз ҷониби сармоягузорони Давлати Қатар ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон «ба миқдори 64,6 млн. доллар сармоягузории мустақим ворид гардидааст» [4, 2024, – 23 январ]. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати Қатар бештар дар самти иқтисод ҳамкориҳояшро тақвият бахшидааст.

Кишвари дигаре, ки дар агентӣ ба он таваҷҷуҳ шудааст ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) мебошад. Мувофиқи омӯзиши мо, аз 182 маводди ба АМА бахшидашуда, 67-тои (36,8 %)-и онро мавзуи ҳамкориҳои гуногунсамти дуҷониба дар бар мегирад.

АМИТ «Ховар» ба раванди густариши равобити иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону АМА бештар таваҷҷуҳ карда, матолиби зиёд ба нашр расонидааст. Аз ҷумла, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намоишгоҳи умумиҷаҳонии «ЭКСПО –2020» дар АМА [4, 2018. – 18 июл], баргузории Форуми соҳибкорон ва сармоягузории Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб дар шаҳри Дубай [4, 2021. – 21 декабр], ба намоиш ва фурӯш гузоштани хушкмеваҳои Тоҷикистон: «Баракат Исфара», «Оро Исфара», «Исфара Фуд», «Субҳи ватан», «Висол», «Насим» (Хоруғ) [4, 2022. – 17 феврал], Ассотсиатсияи байналмилалии истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон дар намоишгоҳи бонуфузи «Gulfood» дар шаҳри Дубайи АМА [4, 2024. – 20 феврал], масъалаи ҷалби маблағ барои лоиҳаи сохтмони НБО-и «Роғун» [4, 2024. – 28 феврал], инчунин, ҳамкорӣ ва робитаҳои парлумонӣ, низоми бонкӣ, гумрукӣ, амниятӣ, ҷалби қувваи корӣ ва амсоли ин.

Масъалаи робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс низ пайваста дар таваҷҷуҳи АМИТ «Ховар» будааст. Он доир ба баргузор шудани чорабиниҳои фарҳангии Тоҷикистон дар АМА [4, 2017. – 23 май], ифтитоҳи Ҳафтаи ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон дар АМА [4, 2018. – 23 январ], муаррифии либосҳои миллӣ ва таомҳои лазизи Тоҷикистон [4, 2018. – 8 май], намоиши ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон дар Дубай [4, 2019. – 28 август] ва ғайра мавод интишор намудааст. Ин ва

амсоли ин матолиб аксарият хусусияти иттилоотӣ дошта, дар онҳо чорабиниҳои расмии фарҳангии Тоҷикистон ва тарзи баргузор шудани онҳо дар Аморати Муттаҳидаи Араб инъикос ёфтааст.

Дар умум, АМИТ «Ховар» бо чопи матолиб ҷиҳати дарёфти самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Тоҷикистон имконияти мусоид фароҳам овардааст. Бо вуҷуди ин, омӯзиши маводди ин агентӣ нишон медиҳад, ки робитаҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс ҳанӯз ҷавобгӯи хостаҳои роҳбариятҳои олии кишварҳо ва мардумони минтақа нестанд.

3) Инъикоси рӯйдодҳои кишварҳои араб дар АМИТ «Ховар». АМИТ «Ховар» дар баробари инъикоси муносибатҳои расмӣ ва ҳамкориҳои гуногунсамти мутақобила, инчунин, ба инъикоси ҳаводису рӯйдодҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии КАХФ низ таваҷҷуҳ кардааст. Чунин мавод дар АМИТ «Ховар», асосан, таҳти рубрикаи «Минтақа ва ҷаҳон» ба нашр расидааст. Мувофиқи пажуҳиши мо зери ин рубрика маҷмуан 52 мавод ба ҳаводису рӯйдодҳои муҳим ва ҷолиби ҳаёти сиёсиву иҷтимоии КАХФ бахшида шудааст, ки аз он 38 мавод ба ШАС, 10-то ба АМА ва 4 мавод ба Қатар иртибот дорад [4]. Интишори мавод низ дар давоми солҳо гуногун аст.

Маводди рубрикаи «Минтақа ва ҷаҳон» бештар дар такя ба сомонаҳои иттилоотии «Financial Times», «Middle East Eye», www.skyarabia.com, рӯзномаи бритониёвии «The Independent», агентиҳои иттилоотии INTERFAX.RU, «Рейтерс» (Reuters), расонаи хабарии «Тулуъ нюс», агентии иттилоотии Аморот (WAM) ва ғайра таҳия шуда, мавқеи агентӣ холисона аст.

Инъикоси воқеаву рӯйдодҳои КАХФ, хосса Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар АМИТ «Ховар» бо ду ҷиҳат аҳамиятноканд. Якум, ағлаби онҳо ҳаводиси нодир буда, аҳаммияти башарӣ доранд. Амсоли иштироки занон дар интихобот [4, 2015. – 14 декабр], қатъ гардидани муносибатҳои дипломатии ШАС бо Ҷумҳурии Исломии Эрон [4, 2016. – 4 январ], аз солшумории шамсӣ ба солшумории мелодӣ гузаштан [4, 2016. – 6 октябр], боридани барфи ногаҳонӣ [4, 2023. – 12 апрел] ва ғайра. Дуюм, баъзе аз воқеаҳо ба хонандаи тоҷикистонӣ аҳаммияти махсус доранд. Ба мисли боздошти садҳо нафар бо гуноҳи узвият ба ДИИШ [4, 2015. – 17 август], аз ҷониби Шурои уламои Арабистони Саудӣ эътироф шудани

ҳаракати «Ихвонулмуслимин» ҳамчун созмони ифротӣ [4, 2020. – 16 ноябр] ва ғайра.

Тасмими Шурои уламои Арабистони Саудӣ барои вазъи сиёсии минтақа аҳаммияти бузург дорад, зеро ҳаракати «Ихвонулмуслимин» (мамнуъ дар Тоҷикистон) на танҳо дар кишварҳои мухталифи араб, балки дар минтақаи Осиёи Миёна низ фаъол аст ва яке аз созмонҳои экстремистии исломӣ маҳсуб мешавад. Ҳамчунин, аҳаммияти дигари ин тасмим дар он аст, ки метавонад болои дигар созмонҳо ва ҷунбишҳои исломие, ки ба ақидаҳои «Ихвонулмуслимин» (мамнуъ дар Тоҷикистон) шариканд, фишорро афзоиш диҳад.

АМИТ «Ховар» ба истинои ШАС ба дигар кишварҳои араби Халиҷи Форс камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ин метавонад сабаби тамаркузи агентӣ ба рӯйдодҳои муҳимтару фаврӣ дар минтақаҳои дигар ё маҳдудият дар дастрасӣ ба иттилоот аз ин кишварҳо бошад.

Таҳлилҳои муқоисавӣ маълум намуд, ки нисбат ба кишварҳои ШАС ва АМА дар АМИТ «Ховар» доир ба воқеаҳо ва ҳаводиси Давлати Қатар камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Дар маҷмуъ, АМИТ «Ховар» дар ҳеҷ кишвари араб намояндагии худро надорад ва ҳамчунин, ягон рӯзноманигори он ба хотири инъикоси ҳаёти ин кишварҳо сафар накардааст, ҳамаи маводди нашршуда дар такя ба ахбори сомонаҳои интернетӣ ва агентиҳои хабарии хориҷӣ нашр шудааст, ки бозгӯи бевоситаи мавқеи агентӣ намебошад. Ин, албатта, ба дараҷаи инъикоси ҳодисаҳо бе таъсир буда наметавонад. Ин аст, ки дар матолиби АМИТ «Ховар» баъзан мавқеъпазирии кишвари рус, баъзан кишварҳои ғарбӣ ва баъзан кишвари Эронро эҳсос мекунем. Бо вуҷуди ин, агентӣ то қадри имкон тавонистааст, ки воқеиятҳои муҳимми олами арабро дар фазои иттилоотии Тоҷикистон пахш намуда, ба ин васила хонандаи тоҷикро ба ҳолати воқеаҳо ва моҳияти онҳо шинос намояд.

**Фасли дуюми боби сеюм «Вижагиҳои мавзуӣ ва масъалагузориҳо дар «Азия-Плюс»** ном дорад. «Азия-Плюс» (ASIA-Plus) – гурӯҳи расонаҳои мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз се ширкати мустақил – Агентии иттилоотӣ, нашрияи даврӣ ва Ширкати радио иборат аст, ки зери як тамға (бренд) фаъолият мекунанд.

Агентии иттилоотии «ASIA-Plus» «соли 1995 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, моҳи апрели соли 1996 нахустин шумораи варақаи иттилоотӣ-таҳлилии он нашр шуд» [5]. Агентии мазкур дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон шабакаи

хабарнигорони худро дорад ва бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ хизматгузориҳои иттилоотӣ пешниҳод мекунад. Аз рӯйи шумораи корбарон дар Интернет-паҳнои TJ портали иттилотии «asiaplustj.info» бидуни шубҳа пешсаф аст.

Агентии иттилоотии «ASIA-Plus» воқеоти кишварҳои арабро зери рубрикаҳои «Ҷаҳон», «Тоҷикистон», «Иқтисод», «Сиёсат», «Ҷомеа», «Ҳокимият», «Амният», «Қонун ва тартибот», «Варзиш» ва «Ҳаводис» ба табъ расонидааст. Дар диссертатсия маводди ин рубрикаҳо аз рӯйи кишварҳои алоҳида ба таври муфассал баррасӣ шудааст.

А) Муносибат ва ҳамкориҳои Тоҷикистон ва ШАС. АИ «Азия-Плюс» дар инъикос ва баррасии муносибат ва ҳамкориҳои ин ду кишвар ва воқеиятҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ШАС мавқеи хос дорад. Тули солҳои 2014-2024 дар ин сомонаи агентӣ 109 мавод, аз ҷумла, дар бахши «Сиёсат» (29), «Ҷомеа» (23), «Ҷаҳон» (17), «Иқтисод» (11), «Тоҷикистон» (10), «Ҳокимият» (6), «Амният» (5), «Варзиш» (5), «Қонун ва тартибот» (2) ва «Ҳаводис» (1) [5] ба мушоҳида расид, ки дар онҳо муносибату ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону ШАС ва рӯйдодҳои муҳимми дохилии Арабистони Саудӣ инъикосу баррасӣ гардидааст.

Матолиби бахши «Сиёсат», асосан, аз сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳайати парлумонӣ бо роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагон ба ШАС, мулоқоти вазирону сафирон ҷиҳати баррасии рушд ва таҳкими муносибату ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои гуногун, ташрифи ҳайатҳои мутақобила, баргузории Машваратҳои сиёсӣ, тасмими ШАС оид ба ҳамроҳшавӣ ба Созмони ҳамкориҳои Шанхай, барқияҳои табрикотӣ, тасаллият ва амсоли ин таркиб ёфтааст. Аксари матолиб хусусияти хабарӣ дошта, дар онҳо воқеиятҳои расмӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Маводди бахши «Ҷомеа», асосан, ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва ШАС дар самти фарҳангу маориф (рӯзҳои фарҳангӣ, масоили ҳаҷ, сохтмони мактабҳо ва ғ.) фаро гирифтааст. Дар рубрикаи «Ҷомеа» инчунин, инъикоси кумакҳои башардӯстонаи ШАС ба Тоҷикистон мавқеи намоён дорад. Аз таҳқиқи маводди вобаста ба ин мавзуъ интишорнамудаи АИ «Азия-Плюс» бармеояд, ки солҳои охир фонд ва марказҳои гуногуни ин кишвар, аз ҷумла, Фонди Саудии Рушд ва Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон барои тарҳҳои гуногун, аз қабили кумак ва дастгирии муҳтоҷон, зарардидагони офатҳои

табиӣ, бунёди мактабҳо, соҳилбандиҳо дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон, тақдими таҷҳизот барои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи мадании Тоҷикистон маблағҳои зиёд ҷудо кардаанд.

Дар бахши «Иқтисод»-и АИ «Азия Плюс», ки баррасии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни Тоҷикистон ва Арабистони Саудиро фаро мегирад, 27 мавод мушоҳида шуд. Аз ҷумла, «Форуми муштараки сармоягузорӣ ва соҳибкорони ШАС ва вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд» [5, 2018. – 10 май], «Фонди ОПЕК барои беҳбуди идоракунии захираҳои обии Хатлон 10 млн. евро ҷудо мекунад» [5, 2019. – 19 сентябр], «Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон 25 тонна хурмо ҳадя кард» [5, 2022. – 16 май], «Зардолуи Ашт ба Эрону Дубай ва Арабистони Саудӣ фурӯхта мешавад» [5, 2023. – 8 июн] ва амсоли инҳо.

Таҳлили маводди бахши «Иқтисод»-и АИ «Азия-Плюс» маълум менамояд, ки дар самти ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни ШАС ва Тоҷикистон, кишвари аввал бештар мақоми сармоягузор ва дар самти ворид шудани маҳсулот ба кишвари ШАС Тоҷикистон дар марҳалаи рушд қарор дорад.

Таҳти бахши «Ҷаҳон» 18 мавод ба мушоҳида расид, ки аз рӯйдоду ҳаводиси муҳимми сиёсиву иҷтимоии ШАС иттилоъ медиҳад. Аксарияти матолиб дар такя ба сомона ва шабакаҳои хориҷӣ, хосса арабӣ таҳия гардида, дар шарҳу тавзеҳи воқеаҳо АИ «Азия-Плюс» саҳм гирифтааст. Масалан, хабари «Дар Арабистони Саудӣ ҳукми қатли шоҳзода ба иҷро расид» [5, 2016. – 19 октябр] дар такя ба ахбори шабакаи телевизионии моҳворагии «Ал-Арабия» навишта шуда, дар бораи эълон кардани ҳукми қатл нисбат ба намояндаи оилаи шоҳигарӣ – шоҳзода Турки бин Сауд ал-Кабир, ки дар таърихи ШАС нахустин бор будааст, иттилоъ медиҳад. Ба ин монанд, АИ «Азия-Плюс» дар истинод ба сомонаи «Бахши хабарии Осиёи Марказӣ» дар бораи боздошти беш аз 200 нафар ба гумони фасодкорӣ дар ШАС [5, 2017. – 10 ноябр] хабар додааст.

Ҳамин тавр, дар маводди бахши «Ҷаҳон»-и АИ «Азия-Плюс» воқеаҳои муҳимми ШАС амсоли қазияи куштори Ҷамол Хошуқҷӣ – рӯзноманигори мунаққиди сиёсати ҳукумати саудӣ [5, 2018. – 20 ноябр] бо истинод ба АИ «Рейтерз», ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ доир ба васеъ шудани ҳуқуқҳои занони Арабистони Саудӣ [5, 2019. – 21 август] дар такя ба расонаи «Сауди Газет» (Saudi Gazette), масъулияташро дар қатли рӯзноманигор Ҷамол Хошуқҷӣ дар шаҳри Истамбули Туркия эътироф кардани Муҳаммад бин Салмон – валиаҳди Арабистони Саудӣ [5, 2019. – 27 сентябр], пас аз ҳафт сол дубора боз шудани Сафорати Эрон дар

Арабистони Саудӣ [5, 2023. – 7 июн] ва ғайра мавриди инъикос қарор гирифтаанд. Ин воқеаҳо ҳарчанд дар дохили ШАС рух додаанд, аммо аз нигоҳи арзиш ва дараҷа аҳаммияти ҷаҳонӣ доранд.

Таҳти бахши «Тоҷикистон» низ доир ба ҳамкориҳои Тоҷикистон ва ШАС маводди зиёд ба табъ расидааст. Аз ҷумла, «Муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ» [5, 2022. – 3 октябр], «Арабистони Саудӣ барои бунёди НБО-и «Роғун» қариб 100 млн. доллар қарз медиҳад» [5, 2023. – 2 ноябр; 5 декабр] ва ғайра. Тавре аз унвони мавод бармеояд, дар чунин матолиб аз ҳамкориҳои Тоҷикистону ШАС дар самтҳои гидроэнергетика – ёрӣ ба бунёди НБО-и «Роғун», рушди имкониятҳои сайёҳӣ ва амсоли ин иттилоъ дода шудааст.

Агентии иттилоотии «Азия-Плюс» воқеаву рӯйдод ва ҳаводиси сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии марбут ба муносибату ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистону ШАС-ро ба таври нисбатан васеъ ва пурра инъикос намуда, ба ин васила, аз як тараф, хонандаи тоҷикро аз моҳияти ҳамкорӣ ва раванди тадбиру чорабиниҳои судманд огоҳ намудааст, аз ҷониби дигар, дар оммавӣ гардонидан ва тақвият бахшидани робитаҳои гуногунсамти ин ду кишвар саҳм гузоштааст.

Дар маҷмуъ АИ «Азия-Плюс» бештар бо иҷрои вазифаи иттилоърасонӣ ва ташаккули образи мусбати ҳамкориҳои байналмилалӣ мутаваҷҷеҳ шуда, дар ин замина дар шаклгирии дискурси ҷамъиятӣ оид ба муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ нақши муҳим бозидааст.

Б) Давлати Қатар дар сомонаи «Азия-Плюс». Мувофиқи омӯзиши ҳаводиси марбут ба Давлати Қатар дар агентии иттилоотии «Азия-Плюс» номи ин давлат тули солҳои 2014-2024 дар 434 мавод зикр шудааст. Ин нишондиҳанда гувоҳи он аст, ки Қатар дар минтақаи Халиҷи Форс аз кишварҳои нисбатан фаъол аст. Сабаби зиёд зикр шудани номи Қатар дар он аст, ки солҳои охир бисёр чорабиниҳои варзишӣ ва чемпионатҳои минтақавию ҷаҳонӣ (аз қабили Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол-2022, Чемпионати Осиё оид ба футбол-2023) дар ин кишвари араб баргузор гардиданд. Ҳамчунин, дар маводди марбут ба вазъи Афғонистон ва ҳаракати Толибон, созиши оташбас миёни «ҲАМОС» ва Исроил, номи Қатар ҳамчун давлати миёнарав ёдоварӣ шудааст.

Дар баробари ин, АИ «Азия-Плюс» ба раванди муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар ва воқеаву рӯйдодҳои давлати Қатар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар бахшҳои «Сиёсат» (58), «Ҷомеа» (73),

«Иқтисод» (29), «Ҷаҳон» (71), «Тоҷикистон» (21), «Ҳокимият» (9), «Амният» (18), «Қонун ва тартибот» (5), «Осиёи Марказӣ» (4) ва «Варзиш» (146) мавод ба табъ расонидааст.

Маводди рубрикаи «Сиёсат»-ро, асосан, сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қатар (2017, 2024), эъломи Миср, Баҳрайн ва АМА дар бораи қатъ намудани муносибатҳои дипломатӣ бо Қатар [5, 2017. – 23 июн], сафарҳои корӣ ва расмии Амири давлати Қатар шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ (14-15 июни соли 2019, 8-9 июни соли 2023) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафари Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷиҳати иштирок дар ҷаласаҳои 140-уми Ассамблеяи Иттиҳоди Байнипарламентӣ ба давлати Қатар [5, 2019. – 4 апрел], изҳороти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистонро роҷеъ ба қатъи муҳосираи дипломатии Қатар аз ҷониби кишварҳои Халиҷи Форс ва Миср [5, 2021. – 8 январ] ва амсоли ин ташкил медиҳанд. Ин мавод ҷанбаҳои сиёсии ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар, инчунин мавқеи Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои муҳимми минтақавӣ инъикос мекунанд.

Яке аз сабабҳои бештар мавриди таваҷҷуҳи ВАО-и тоҷик, аз ҷумла, агентии «Азия-Плюс» қарор гирифтани Қатар сармоягузории он дар сохтмони бузургтарин масҷиди Осиёи Миёна дар шаҳри Душанбе аст. Маводди ин мавзуъ бештар таҳти рубрикаи «Ҷомеа» ба нашр расидааст. АИ «Азия-Плюс», дар маҷмуъ, аз соли 2009 то ифтитоҳи расмии масҷиди калонтарини ҷомеи минтақа дар такя ба сарчашмаҳои гуногун 18 мавод ба нашр расонидааст, ки аз таваҷҷуҳи махсуси он шаҳодат медиҳад.

Мавзуъҳои дигаре, ки АИ «Азия-Плюс» дар бахши «Ҷомеа» ба нашр расидааст, омодагии Қатар ҷиҳати қабули муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба ин кишвар, равобити фарҳангӣ ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати Қатар аст. Масалан, бори аввал баргузор шудани рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар [5, 2018. – 19 ноябр], ба ҷоизаи Амири Қатар (ҷоизаи Шайх Ҳамад) сазовори мақоми аввал дониста шудаани Сарходими маркази «Синошиносӣ»-и Академияи илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор Саидраҳмон Сулаймонӣ дар номинатсияи беҳтарин фаъолият дар соҳаи тарҷумонӣ ва фарҳангнигорӣ барои таълифи «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ» [5, 2018. – 14 декабр], симои намоиши мӯди маҷмуаи нахустини тарроҳи либос аз Арабистони Саудӣ – Нури Сулаймон шудани фотомодели тоҷик Карина Комил [5, 2020. – 21 декабр] ва амсоли ин. Дар ин матолиб тавсеаи

табодули фарҳангӣ ва омӯзишӣ миёни Тоҷикистон ва Қатар ва ҳамчунин, имконот барои мутахассисону аҳли ҳунар дар ибтикори байналмилалӣ таъкид шудааст.

Дар бахши «Амният» 6 мавод нашр шудааст, ки аз ҷараёни ҳамкориҳои амниятии Тоҷикистону Қатар иттилоъ медиҳанд. Чунончи, дар 3 маводде, ки дар такя ба иттилои дафтари матбуоти ВКД-и Тоҷикистон таҳия шудааст, аз вохӯриҳои Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Раҳимзода Рамазон Ҳамро бо сафири давлати Қатар дар Тоҷикистон Алӣ ибн Муборак ал-Муҳаннадӣ (24 январи 2014; 22 августи 2016) ва вазири корҳои дохилии Давлати Қатар Шайх Абдулло Насир ас-Сонӣ (2012) иттилоъ медиҳад. Мавзуи мулоқотҳо ҳамкориҳо дар соҳаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ, алайҳи экстремизму терроризм, муомилоти ғайриқонунии маводди мухаддир ва дигар ҷиноятҳо будааст.

Умуман, АИ «Азия-Плюс» ба самтҳои гуногуни муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қатар таваҷҷуҳ намуда, воқеиятҳои марбут ба онро ба таври нисбатан васеъ инъикос намудааст. Махсусан сафарҳои расмии мутақобилаи сарони кишварҳо ва имзои созишномаҳои ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳолати иҷро шудани онҳо Қатар метавонад, ба яке аз шарикони рушд ва давлатҳои муҳимми сармоягузор дар иқтисодиёти Тоҷикистон мубаддал гардад.

В) Аморати Муттаҳидаи Араб дар оинаи АИ «Азия-Плюс». Ҷараёни муносибату ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистон ва АМА низ аз таваҷҷуҳи АИ «Азия-Плюс» берун намонда бошад ҳам, дар муқоиса ба Арабистони Саудӣ ва Қатар матолиби марбут ба ин кишвар камтар аст.

Дар маҷмуъ, АИ «Азия-Плюс» тули солҳои 2014-2024 роҷеъ ба раванди муносибату ҳамкориҳои дуҷониба ва ҳаводису рӯйдодҳои АМА «255 мавод» [5] ба табъ расонидааст. Ҳарчанд ин миқдор (255 мавод) дар муқоиса ба матолиби марбут ба ШАС ва Қатар камтар аст, аммо ишора аз он мекунад, ки АМА дар фазои иттилоотии агентӣ чун шарики муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон муаррифӣ гардидааст. Аз он ҷумла, дар бахшҳои «Сиёсат» (30), «Ҷомеа» (77), «Иқтисод» (25), «Ҷаҳон» (10), «Тоҷикистон» (8), «Ҳокимият» (5), «Амният» (5), «Қонун ва тартибот» (9), «Варзиш» (84) ва «Осиёи Марказӣ» (2).

Маводди бахши «Сиёсат»-ро сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон (солҳои 2016, 2023) ва вазири корҳои хориҷӣ (2015 ва 2017) ба

АМА ташкил медиҳад. Дар ин мавод таваҷҷуҳ ба ҳамкориҳои сиёсӣ ва дипломатии кишварҳо таъкид шудааст.

Дар бахши «Ҷомеа» нисбат ба дигар бахшҳо мавод зиёдтар аст. Ин ҷо баъзе аз маводро, аз қабили «Ба ҳайати АМА табиат, мева ва … кӯрпачаҳои Тоҷикистон хуш омад» [5, 2018. – 8 май], «Дар «ЭКСПО-2020» дар Дубай гӯшаи Тоҷикистон боз шуд» [5, 2021. – 4 октябр], «Талаботи нав барои мусофирони Тоҷикистон, ки ба Дубай сафар мекунанд» [5, 2022. – 18 январ], «Ясмина Алидодова – тоҷикдухтаре, ки дар Дубай ҳакамони озмуни «XFactor»-ро ба ҳайрат овард» [5, 2023. – 14 ноябр] зикр менамоем. Маводди мазкур ҷанбаҳои фарҳангӣ, тиббӣ, сайёҳӣ ва меҳнатии ҳамкориҳои Тоҷикистону АМА-ро дар бар мегиранд.

Дар бахши «Иқтисод» 5 мавод ба мушоҳида расид, ки нисбатан муҳимтарини онҳо баргузоршавии се ҷаласаи Комиссияи муштарак оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва техникӣ байни Тоҷикистон ва Аморoти Муттаҳидаи Араб мебошад. АИ «Азия-Плюс» матолибро дар такя ба маълумоти хадамоти матбуоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кардааст.

Аз таҳлили мавод маълум шуд, ки дар ҷаласаҳои якум [5, 2014. – 14 май] ва дуюми [5, 2016. – 21 апрел] комиссияи мазкур раёсати ҳайати Тоҷикистонро Қодири Қосим – раиси вақтинаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда доштааст. Дар ҳамаи вохӯриҳо масъалаҳои марбут ба густариши ҳамкориҳои байни ду кишвар дар соҳаҳои тиҷорат ва иқтисодиёт, сармоягузорӣ, бонкдорӣ, энергетика, саноат, тандурустӣ, маориф ва илм, сайёҳӣ, фарҳанг ва нақлиёт мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, сомонаи АИ «Азия-Плюс» раванди муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус, ШАС, Қатар ва АМА-ро пайваста мавриди тавҷҷуҳ қарор дода, дар такя ба манбаъҳои гуногун воқеаҳои муҳимму аҳаммияти иҷтимоӣ доштаро инъикос намудааст.

Воқеа ва рӯйдодҳои дар сомонаи ин агентӣ интишоргардида, ба бахшҳои гуногун тасниф шудааст, ки аз як тараф кори хонандаро дар интихоби матолиб, аз ҷониби дигар, кори моро дар интихобу таҳлили мавод осон намуд. Матолиби марбут ба мавзуи ин пажуҳиш аз нигоҳи мавзуъ рангоранг буда, шуруъ аз ахбори расмии сиёсӣ то рӯйдодҳои фарҳангиву варзиширо фаро мегиранд. Ҳарчанд, ағлаби маводди марбут ба ҳамкориву робитаҳои Тоҷикистон бо се кишвари араби Халиҷи Форс

хусусияти хабарӣ доранд, аммо дар онҳо доир ба воқеаву ҳаводис иттилооти мушаххас дода шуда, пасманзари мавзуъҳо ва масъалаҳои алоқаманд ба онҳо ба таври васеъ ташреҳу таҳлил шудааст. Ин усулро метавон аз вижагиҳои АИ «Азия-Плюс» дар инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ номид, ки нисбат ба расонаҳои дигар бартарӣ дорад.

Вижагии дигари ин агентӣ дар инъикоси воқеиятҳои муҳимми рӯз, аз қабили рӯйдодҳо ва қазияҳои марбут ба робита ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар муносибат ба он аст. Ин муносибатро дар интихоби мавзуъ (воқеаву рӯйдод)-и муҳим, таҳлилу баррасиҳои бодалелу мунсифона, мавқеъгириҳои устувор ва натиҷагириҳои умедворкунанда нисбат дода метавонем. Ин ва амсоли ин ҷиҳатҳо моро дар саҳм доштани «Азия-Плюс» дар инъикоси раванди муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус ШАС, Қатар ва АМА мутмаин месозад.

Дар маҷмуъ, АИ «Азия-Плюс» бо интишори маводди фаровон доир ба воқеиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар огаҳӣ ва маърифати ҷомеа нақши бориз гузошта, дар омӯзиши таҳкими муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс иттилооти судмандро фароҳам сохтааст.

**Фасли сеюми боби сеюм «Таҳлили таносубии маводди сомонаи «Pressa.tj»** унвон дошта, таҳлили хусусиятҳои мавзуии масъалаи таҳқиқро фаро мегирад. «Pressa.tj» – расонаи иттилоотии нашрияи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» «дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шуда, аз соли 1992 инҷониб чоп мешавад) аз соли 2008 инҷониб бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ фаъолият менамояд» [6]. Мавзуъҳои асосии ин расонаи иттилоотиро шарҳу тавзеҳ ва таҳлили воқеаҳо, масоили мубрами сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон ташкил медиҳад. Ин сомона дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеи намоён дорад.

Таносуби маводҳои «Пресса.tj» ба таври мутавозин байни бахшҳои мухталифи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ тақсим шудааст. Ин расона на танҳо ҳамчун як манбаи иттилоотӣ, балки ҳамчун воситаи таҳлили воқеаҳои муҳимми дохиливу байналмилалӣ низ фаъолият менамояд.

Сомонаи «Pressa.tj» низ мисли расонаҳои дигар, хосса АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» ба раванди муносибатҳои дипломатӣ ва

ҳамкориҳои Тоҷикистон бо КАХФ ва воқеиятҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои араб таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Маводди бахшҳои «Сиёсат», «Тоҷикистон», «Ҷаҳон», «Фарҳанг», «Иқтисод», «Иҷтимоиёт» ва «Варзиш»-и ин сомона бардошти моро тақвият мебахшад. Дар муқоиса ба АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» дар ин сомона бахшҳои «Тоҷикистон» ва «Варзиш» фаъолтар аст.

А) Муносибатҳои Тоҷикистону ШАС дар «Pressa.tj». Мавриди зикр аст, ки дар таърихи равобити байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиболи кишварҳои Шарқи Наздик Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (ШАС) аз нахустин кишваре аст, ки барои рушду пешрафти Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои душвори соҳибистиқлолӣ саҳми арзанда гузошта, ҳамвора дар ҳамоишҳо ва конфронсҳои байналмилалӣ, ҳам дар меҳвари СҲИ ва ҳам СММ ташаббус ва иқдомҳои Тоҷикистонро пуштибонӣ намудааст. Ин аст, ки сомонаи «Pressa.tj» ба ҷараёни муносибатҳои Тоҷикистону ШАС бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Дар бахши «Сиёсат» чун расонаҳои дигар ҷараёни сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ШАС [6, 2023. – 17-18 июл], мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири сармоягузории Арабистони Саудӣ [6, 2024. – 11 ноябр], Шукурҷон Зуҳуров ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ меравад [6, 2017. – 20 январ], боздиди намояндагони олимақоми ШАС аз Тоҷикистон, аз қабили муовини вазири корҳои хориҷӣ, вазири корҳои дохилӣ (2018), вазири варзиш (2020), Прокурори генералӣ, раиси Маҷлиси Шуро, директори Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон ва мулоқоту вохӯриҳои мутақобилаи сафирону воломақомони ҷонибҳо ва амсоли ин инъикос шудааст.

Бахши дигари ахбори сиёсии сомонаи «Pressa.tj»-ро ҳодисаҳое ташкил медиҳанд, ки бевосита ба ҳамкориҳои амалии Тоҷикистону ШАС марбут мебошанд. Масалан, сомона 2-юми феврали 2024 дар такя ба Сафорати ШАС дар Тоҷикистон хабар додааст, ки ҳайати Фонди Саудии Рушд ба Тоҷикистон омад. Тибқи иттилои манбаъ ҳадаф аз ин сафар роҳандозии оғози арзёбии лоиҳаи роҳи Кӯлоб ҷиҳати омӯзиши имконияти маблағгузории он дар ҳаҷми 32 млн. доллар мебошад. Ҳамчунин, тавзеҳ шудааст, ки ҳайат бо ҷараёни корҳо дар лоиҳаи Кӯлоб-Қалъаи Хумб, ки барои иҷрои он Фонди мазкур бо маблағи 30 млн. доллар саҳмгузор аст, шинос шуд.

Яке аз бахшҳои ҷолиби сомонаи «Pressa.tj» - «Фарҳанг» мебошад. Чунончи, матлаби ««Қалъаи тоҷик» дар Макка» [6, 2018. – 5 март]-ро

метавон аз намунаи воқеаҳои ҷолиб маҳсуб донист. Дар ин матлаб омада, ки «бо ташаббуси соҳибкори тоҷик Абдураззоқ Саидов дар шаҳри Маккаи Саудӣ маркази фарҳангиву хизматрасонӣ (тарабхона) бо номи «Қалъаи тоҷик» ифтитоҳ ёфт». Мувофиқи иттилои сомона ин марказ бо сабки меъмории тоҷикӣ бо истифода аз нақшу нигор ва усули кандакории тоҷикона бунёд шуда, ба сокинони Макка ва зоирон аз кишварҳои гуногун таомҳои тоҷикиро пешкаш мекунад. Дар он то 60 нафар ҳамватанони тоҷик ба кор таъмин гардиданд. Дар ифтитоҳ сафири Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ Заробиддин Қосимӣ низ иштирок кардааст.

Дар бахши «Иқтисод» низ кам бошад ҳам, мавод ба мушоҳида расид: «Тармиму навсозӣ шудани мактабҳои Тоҷикистон аз ҷониби Арабистони Саудӣ» [6, 2017. – 21 май] ва «Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ татбиқи лоиҳаҳои муштаракро таҳия хоҳанд кард» [6, 2022. – 20 апрел] аз намунаи матолибе ин бахш мебошанд.

Бахши «Ҷаҳон»-и сомона низ аз нигоҳи теъдоди мавод чашмрас аст. Маводди ин бахш ҳаводису воқеаҳои ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои араб, аз ҷумла, ШАС-ро фаро гирифта, дар такя ба ахбори оҷонсиҳои иттилоотии хориҷӣ таҳия гардидааст.

Мавзуъҳои дигаре, ки аз ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистон ва ШАС дарак медиҳанд, масъалаҳои иҷтимоӣ (фарҳанг, маориф, тандурустӣ, ҳаҷ) мебошанд, ки дар бахши «Иҷтимоиёт» мунъакис гардидаанд. Чунончи: «Арабистони Саудӣ соли нави мелодиро ҷашн мегирад» [6, 2019. – 26 декабр], «Арабистони Саудӣ ба 600 ятими тоҷик ҳар моҳ 100 $. медиҳад. Ин пулро кӣ мегирад?» [6, 2022. – 10 апрел], «Парвозҳои нави «Сомон Эйр» ба Маскав ва Арабистони Саудӣ» [6, 2023. – 9 август] ва ғайра аз ҷумлаи маводде мебошанд, ки дар ин бахш ба табъ расидаанд.

Дар маҷмуъ, «Pressa.tj» доир ба муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону ШАС, татбиқи лоиҳаҳои хурду бузурги муштарак дар самти мубориза бо тағйирёбии иқлим, норасоии оби ошомиданӣ, бунёди муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру навоҳии Тоҷикистон, роҳҳо ва иншооти саноативу дорои аҳаммияти иҷтимоидошта, кумакҳои башардӯстонаи Маркази шоҳ Салмон таваҷҷуҳ кардааст, ки аз як тараф, нақши боризи ШАС дар рушд ва таҳкими равобити ҳасанаи ду кишвар, аз ҷониби дигар, аз саҳми «Pressa.tj» дар оммавикунонии раванди ҳамкориҳои Тоҷикистону ШАС шаҳодат медиҳад.

Б) Инъикоси муносибат ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати Қатар. Маводди марбут ба ин мавзуъ дар муқоиса бо ШАС дар сомонаи «Pressa.tj» нисбатан камтар буда, асосан дар бахшҳои «Сиёсат», «Иқтисод» ва «Тоҷикистон» ҷой дода шудааст.

Маводди бахши «Сиёсат»-ро сафарҳои расмии мутақобилаи Президенти Тоҷикистон ва Амири Қатар, аз қабили «Амири Қатар ба Тоҷикистон меояд», «Сафари давлатии амири Қатар дар Тоҷикистон оғоз ёфт» [6, 2023. – 08 июн], «15 санади наве, ки дар ҳузури Эмомалӣ Раҳмон ва амири Қатар имзо шуданд» [6, 2023. – 09 июн], «Сафири Қатар дар Тоҷикистон эътимоднома супорид» [6, 2023. – 01 феврал], «Имзои 9 санади нави ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Қатар», «Пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон ба шайх Файсал Ибн Сонӣ Оли Сонӣ дар Қатар» [6, 2024. – 22 январ] ҷиҳати иштироки ҷониби Қатар дар татбиқи чанде аз тарҳҳои афзалиятнок ба манфиати ҳар ду ҷониб ва амсоли ин ташкил медиҳад.

Дар бахши «Иқтисод» матнҳои «Бонки Марказии Қатар ба мо кумак мекунад» [6, 2017. – 2 ноябр], «Анҷумани нишастҳои соҳибкорон дар Тоҷикистону Қатар танзим мешаванд» [6, 2023. – 24 январ], «Баррасии ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ бо Тоҷикистон дар Қатар» [6, 2023. – 25 июл], «Қатар дар Душанбе шаҳраки нав месозад» [6, 2024. – 22 январ] ва амсоли ин нашр гардидааст, ки аз ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Қатар дарак медиҳанд.

Масъалаи дигар омодагии Қатар ҷиҳати қабули муҳоҷирони кории тоҷик ба ин кишвар мебошад. Чунончи, дар матлаби «Акнун ба Қатар ба муҳоҷират меравем» [6, 2017. – 19 октябр] ба мувофиқа расидани ҷонибҳои Тоҷикистон ва Қатар дар масъалаи интиқоли шаҳрвандони Тоҷикистон барои кор ба ин кишвари араб мавриди инъикос қарор гирифтааст.

Матолиби бахши «Тоҷикистон» аз нигоҳи мундариҷа гуногун буда, ҳам аз баргузории Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол дар Қатар (2022), ҳам аз бидуни раводид дар Тоҷикистон 30 рӯз мондани шаҳрвандони Қатар [6, 2024. – 23 январ], ҳам дар бораи мулоқоти Прокурори генералии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон ва Прокурори генералии Қатар Исса бин Саад ал-Ҷуфарӣ ан-Нуаймӣ [6, 2024. – 20 феврал] ва амсоли инҳо иттилоот дода шудааст.

Аз омӯзиш ва баррасии маводди ин сомона бармеояд, ки аз масъалаҳои нисбатан муҳим дар робита бо кишварҳои араб, аз ҷумла,

давлати Қатар ҳамкориҳои иқтисодӣ будааст, ки муҳтавои онро ба имзо расонидани созишномаҳо дар соҳаи бонкдорӣ, бунёди иншоотҳо, сармоягузориҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон, кумакпулиҳо ва амсоли ин ташкил медиҳанд.

В) Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) дар консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи хос дорад. Аз ин рӯ, сомонаи «Pressa.tj» ба воқеаҳои гуногуни ин кишвар низ таваҷҷуҳ карда, ҷараён ва раванди муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону АМА-ро дар бахшҳои «Сиёсат», «Тоҷикистон» ва «Иқтисод» инъикос намудааст.

Дар бахши «Сиёсат» воқеаҳои расмии доир ба ҳузур пазируфтани Вазири энергетикаи Амороти Муттаҳидаи Араб Суҳайл ал-Мазруӣ [6, 2016. – 21 октябр] ва Вазири савдои АМА Султон бин Саид ал-Мансурӣ [6, 2017. – 16 октябр] аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, сафари кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамроҳонашон – Вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робитаҳои хориҷӣ, вазирони энергетика ва захираҳои об, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав ва дигар шахсони расмӣ ба АМА барои ширкат дар конфронси СММ оид ба тағйирёбии иқлим [6, 2023. – 30 ноябр], тақдими даъватномаи расмии Президенти АМА Шайх Муҳаммад ибни Зоид Оли Наҳёнро ба унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар Нишасти 28-уми СММ оид ба тағйирёбии иқлим (СОР-28), ки аз 30-юми ноябр то 12-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Дубай баргузор хоҳад шуд, аз ҷониби ал-Арикӣ [6, 2023. – 27 июл] ва амсоли ин инъикосу баррасӣ шудааст.

Дар бахши «Тоҷикистон» низ ба матлабҳое дучор мешавем, ки ба воқеа ва рӯйдодҳои сиёсӣ рабт доранд. Чунончи, барқияи таслияти Президент Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти АМА Шайх Муҳаммад бин Зоид Оли Наҳаён дар робита ба даргузашти бародараш Шайх Саид бин Зоид Оли Наҳаён [6, 2023. – 31 июл] ё иштироки Намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ Ҷонибек Ҳикмат дар нишасти навбатии «Гурӯҳи дӯстони об», ки дар қароргоҳи СММ доир гардидааст. Дар маводди ахир сухан дар бораи суханронии Намояндаи Тоҷикистон доир ба омодагӣ ба Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи

байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» (Душанбе, моҳи июни соли 2024) меравад.

Яке аз мавзуъҳои муҳим ва қобили мулоҳиза робитаҳои иқтисодӣ аст. Сомонаи «Pressa.tj» маводди марбут ба ин самти ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Аморотро дар бахши «Иқтисод» ҷой медиҳад. Маводҳои «Тоҷикистон ва АМА ҳамкориҳои иқтисодии худро рушд мебахшанд» [6, 2017. – 14 декабр], «Тоҷикистон соҳиби корхонаи мошинҳои ҳарбӣ шуд» [6, 2023. – 24 май] аз ҷумлаи нигоштаҳое мебошанд, ки дар расонаҳои дигари мавриди ин пажуҳиш ба назар нарасид.

Умуман, «Pressa.tj», ки сомонаи интернетии ҳафтономаи «Тоҷикистон» аст, воқеаҳои алоқаманд ба муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, Ба хусус ШАС, АМА ва Қатарро пайгирӣ намуда, то қадри имкон хонандагони худро аз вазъ ва ҳолати муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араб ошно намудааст.

**Боби чорум** – «**Вижагиҳои жанрии маводди ВАО марбут ба муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс**» аз **ду фасл** таркиб ёфта, масъалаи тарзи инъикоси мавзуи мавриди таҳқиқро дар қолаби жанрҳои публитсистӣ фаро мегирад.

Дар **фасли аввали** ин боб – «**Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс дар қолаби жанрҳои хабарӣ**» масъалаи шеваи инъикоси воқеиятҳои марбут ба муносибатҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс дар расонаҳои хабарӣ баррасӣ гардидааст.

Муайян намудани хусусиятҳои сохторӣ ва жанрии воқеиятҳои марбут ба ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс аз чанд ҷиҳат муҳим аст. Аввалан, маводди ифодакунандаи ҳамкориҳои байни кишварҳо дар шаклу сохтори журналистӣ муайян мегардад. Баъдан, корбурди имкониятҳои жанрӣ, ба хусус, жанрҳои ахборӣ дар воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои мавриди таҳқиқ равшан мешавад. Солисан, вижагиҳои умумӣ ва хоссаи расонаҳои алоҳида дар бозтоби хабарии воқеаҳои марбут ба ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс мушаххас мегардад.

Ҳарчанд доир ба жанрҳои публитсистика андешаву назарҳо гуногун ва баъзан мухталиф аст, аммо аксарияти муҳаққиқон онҳоро ба се гурӯҳи асосӣ: хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистиву бадеӣ ҷудо намудаанд. Аксари муҳаққиқон, аз ҷумла, А. А. Тертичный се

омили асосии жанрсозро муайян кардааст, ки инҳоянд: «предмети инъикос, мақсади инъикос ва усули инъикос» [72, с. 23]. Ин таснифот дар таҳқиқи мо ҳамчун меъёр ба асос гирифта шуд. Барои мушаххасгардонии раванди таҳқиқ мавзуи ин фаслро ба хабар, ҳисобот, репортаж ва мусоҳиба тасниф карда шуд.

**1. Хабар.** Дар бораи жанри хабар таърифи гуногун ва мухталифе сурат гирифтааст. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик И. Усмонов “Хабар бояд ба «саволҳои чӣ рӯй дод, кай, дар куҷо, ба кадом сабаб, дар кадом шароит ба амал омад ва чӣ натиҷа дод, посух гӯяд» [77, с. 13-14]. Олими араб Абдулҷавод Саъид Рабиъ (عبد الجواد سعيد ربيع) бошад, «ахборро ҳамчун чизи наве медонад, ки хонандагон баробари нашри рӯзнома донистан ва фаҳмидан мехоҳанд» [89, с. 163].

Аз таҳлили хабарҳои Агентии иттилоотии Саудӣ (وكالة الانباء السعودية), Агентии иттилоотии Қатар (وكالة الانباء القطرية) ва Агентии иттилоотии Аморот (وكالة انباء الامارات) ба чунин натиҷа расидем, ки пеш аз ҳама, аносири муҳимми хабарӣ матолиби ин агентиҳоро ба шакл даровардаанд.

Хабарҳои агентиҳои мазкур доир ба воқеаву рӯйдодҳои марбут ба Тоҷикистон, асосан, зери рубрикаҳои «Сиёсӣ» (سياسي), «Иқтисодӣ» (اقتصادي), «Иҷтимоӣ» (اجتماعي), «Фарҳангӣ» (ثقافي), «Варзишӣ» (رياضي) ва «Умумӣ» (عامٌ) интишор гардидаанд.

Хабарҳои зери рубрикаҳои фавқуззикр бо вуҷуди рангорангии предмети инъикос ва замону макони мутафарриқ, аз нигоҳи сохт ва усули таҳия вижагиҳои умумӣ доранд. Аз ин лиҳоз хабарҳои мавриди интихобро метавон ба ду навъ ҷудо кард:

А) Хабарҳое, ки иттилоот дар шакли матни мустақил ва бидуни сарлавҳа ироа шудааст.

Б) Хабарҳое, ки дар таҳияи онҳо аз усули анъанавии хабарнигории агентиҳои хабарӣ истифода шуда, воқеаи мунъакисгардида хусусияти расмӣ дорад. Дар ин навъи хабарҳо тарзи маъмулии хабарнависӣ риоя шуда, мавҷудияти сарлавҳа, зикри макони рух додани воқеа ва ташреҳи он мустақилият ва пуррагии матни хабарро таъмин намудааст.

Хусусияти хабарҳои агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс дар он аст, ки дар аксарияти хабарҳо манбаи хабар ва номи муаллиф зикр нашудааст. Рӯзноманигорон ба ин талаботи хабарнависӣ камтар таваҷҷуҳ кардаанд. Ба назари мо, таваҷҷуҳ намудан ба манобеи хабар ва зикри он дар матн, аз як тараф, масъулияти саҳеҳияти иттилоотро ба души манобеъ мегузорад, аз ҷониби дигар, таъсирнокӣ ва

боэътимоднокии факту арқоми дар хабар истифодашударо баланд мебардорад.

Табиист, ки ин ё он жанр дар баробари қолаби муайян ва мушаххас доштан ҳамеша дар таҳаввул аст. Яъне, он тағйир меёбад, ғанӣ мегардад, вобаста ба марҳилаҳои инкишофи журналистикаи амалӣ, аз ҷумла ВАО кам ё зиёд мешавад. Ин қонуният дар муқоиса ба ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс дар фаъолияти рӯзноманигорони тоҷик бештар ба назар мерасад.

Аксарияти хабарҳои агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс (АИКАХФ) воқеаву рӯйдодҳои сиёсиро фаро гирифтаанд, ки аз муносибат ва ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо онҳо дарак медиҳанд. Албатта, миёни воқеиятҳои бозгӯкунандаи ҳамкориҳои миёни кишварҳо рӯйдодҳои фарҳангӣ низ кам бошад ҳам, ба мушоҳида мерасад.

АИКАХФ ва Тоҷикистон дар таҳияи хабар, асосан, аз усули анъанавӣ истифода намоянд ҳам, баъзан матнҳое ба назар мерасанд, ки бо шеваи нигориши ҳарами воруна навишта шудаанд. Аз ҷумла, дар чунин хабарҳо факти асосӣ ва ҷолиб дар қисмати аввали матн дар шакли лид ҷой дода шудааст, ки аз аносири сабки ҳарами воруна мебошад.

Омӯзиш ва шиносоии маводди АИКАХФ нишон медиҳад, ки наздик ба 90 %-и матолиби марбут ба муносибат ва ҳамкориҳои байни кишварҳо дар шакли хабар таҳия шудааст. Ин ба он маъно аст, ки агентиҳои иттилоотии мазкур ба жанри хабар бештар таваҷҷуҳ намудаанд, ҳарчанд ки ахбори онҳо баъзан аз аносири ривоят бархӯрдоранд. Агар истифода аз сабки ҳарами ворунаро дар танзими иттилоот ҳамчун сабки муносиб дар рӯзноманигории ҳирфаӣ бипазирем, метавон гуфт, ки ВАО, Ба хусус, агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон аз ин ҷиҳат бартарӣ доранд. Аксарияти хабарҳои марбут ба воқеиятҳои ифодакунандаи муносибатҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс, ки дар ВАО-и Тоҷикистон ба табъ расидаанд, дар сабки ҳарами воруна таҳия шудаанд. Ағлаби воқеаҳои хабарсоз ба унсури хабарии кӣ? иртибот доранд. Аносири хабарсози чӣ?, чӣ гуна?, чӣ тавр? нисбатан камтар аст. Хабарҳое, ки дар онҳо унсури хабарии кӣ? бартарӣ дорад, аслан, нақли бавосита мебошанд, ки ағлаб аз забони ашхоси давлатӣ гирифта шудаанд. Дар сарлавҳаи аксари хабарҳое, ки дастраси мо гардид, ин арзиш марбут шудааст ба «ашхоси ҳақиқӣ ё ҳуқуқӣ, ки ба хотири фаъолиятҳояшон дар ҷомеа шинохта» шудаанд. Дар замина ба номи онҳое истинод шудааст, ки дар мақомоти баландпоя фаъолият намуда, шуҳрат ва эътибори мусбат

доранд. Дар ин маврид аксаран хабарнигорон ба воқеаҳои марбут ба фаъолияти шахсиятҳои расмӣ такя намудаанд, ки корҳо ё ҳадамоташон ифодагари мақом ва манзалаташон аст.

2. **Ҳисобот.** Жанри «ҳисобот дар бораи воқеаҳое навишта мешавад, ки амалӣ шудани онҳо пешакӣ маълум аст. Яъне, воқеае, ки баргузор шудааст, идома дорад ва ё баргузориаш дар назар аст» [49, с. 130].

Дар АИКАХФ ва ҳамчунин, воситаҳои ахбори оммаи тоҷик дар контексти қолабҳои жанрие, ки дар онҳо воқеиятҳои марбут ба муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс инъикос ёфтаанд, ба матнҳое дучор мешавем, ки аз нигоҳи шаклу сохтор ба талаботи жанри ҳисобот ҷавобгӯ мебошанд.

Матнҳои «Шоҳигарӣ ва Тоҷикистон дар дидоре ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаҳои умури исломӣ баррасӣ мекунанд» [3, 2019. – 08 феврал], «Муҳаммад бин Зоид ва Президенти Тоҷикистон: чолишҳои зиёд ба суботи минтақа таҳдид мекунанд» [108], «Кумитаи машваратии консулгарии Аморoти Муттаҳидаи Араб ва Тоҷикистон нахустин ҷаласаи худро баргузор мекунад» [3, 2017. – 20 октябр], «Вай бо вазири хориҷии Тоҷикистон дидор ва аз масҷиди ҳазрати Имом ва Қасри фарҳанги Наврӯз дидан кард» [3, 2017. – 27 май] ва амсоли ин дар қолаби жанри ҳисобот шакл гирифтаанд.

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, дар матнҳои агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс аносири жанрӣ, аз ҷумла, жанрҳои хабарӣ як навъ хусусияти гибридӣ касб намудаанд. Аз ҷумла, дар ҳисоботҳое, ки дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои фавқуззикр нашр гардидаанд, ҳам хусусияти хабар (дар бораи воқеа иттилоот додан), ҳам вижагии ҳисобот (дар бораи ҷаласа, вохӯрӣ ва ё ҳамоиш маълумот додан), ҳам аносири нигориши ахбориро мушоҳида мекунем. Баъзан дар ҳисоботҳо фактҳое таҷассум ёфтаанд, ки «барои равшан намудани симои як воқеа ё рӯйдод» истифода шудаанд. Бо вуҷуди ин, дар чунин нигоштахо факт дар ҷойи аввал қарор дорад. Ба далели фикр муроҷиат мекунем ба матни «Муҳаммад бин Рашид ва Президенти Тоҷикистон тақвияти равобити дуҷонибаро баррасӣ мекунанд».

Сархати аввали ин матн аз нигоҳи жанрӣ хабар аст, ки аз ба ҳузур пазируфтани Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Шайх Муҳаммад бинни Рашид ал-Мактум, ноиби президент ва

сарвазири Амороти Муттаҳидаи Араб ва ҳокими Дубай дар Қасри Забил хабар медиҳад.

Сархатҳои дуюму сеюм ба аносир ва талаботи хабари васеъ рабт мегиранд, ки дар онҳо мазмуни гуфтугӯи тулонӣ ташреҳ ёфтааст. Баъдан суханрониҳои ҷонибҳо мазмунан баён гардида, бо самари чунин мулоқот такони тоза пайдо кардани муносибатҳои дӯстии ду ҷониб, ба зинаҳои баланди ҳамкориҳо, Ба хусус, дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ ва амниятӣ таъкид гардидааст.

Дар сархати чаҳорум, суханронии Эмомалӣ Раҳмон ташреҳ ёфта, аз ба имзо расидани 12 созишнома, даъвати расмӣ кардани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Шайх Муҳаммад бин Рашид ал-Мактум ноиби Президент ва сарвазири Амороти Муттаҳидаи Араб ва ҳокими Дубай ба Душанбе иттилоъ мегирем.

Дар сархатҳои панҷум, шашум ва ҳафтум ҷараёни ба имзо расидани як қатор созишномаҳо ва ёддоштҳои ҳусни тафоҳум шарҳ ёфтааст.

Дар сархати охир изҳори умедвории Муовини Президент, Сарвазир ва ҳокими Дубай ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз татбиқи созишномаҳо дар роҳи дӯстӣ ва ҳамкории созандаи ду ҷониб инъикос гардидааст [3, 2016. – 17 март].

Ҳамин тавр, АИКАХФ ва ҳамчунин, АМИТ «Ховар» дар инъикоси рӯйдодҳои ифодакунандаи муносибатҳои Тоҷикистон ба кишварҳои араб аз аносири жанри ҳисобот низ истифода намудаанд.

3. **Мусоҳиба.** Жанри дигари хабарие, ки агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Тоҷикистон дар инъикоси раванди муносибатҳои кишварҳо истифода намудаанд, мусоҳиба аст.

Доир ба жанри мусоҳиба аз ҷониби муҳаққиқон таърифҳои гуногун шакл гирифтааст. Ба ин мазмун, агар А. Нуралиев «Суҳбати журналистро бо шахси барӯманди ҷамъият доир ба масъалаҳои мухталифи мамлакат, давру замон, ки чопаш дар матбуот пешбинӣ шудааст, интервю» номад [53, с. 81], И. Усмонов жанреро мусоҳиба номидааст, ки дар он «ки камаш ду кас, баъзан якчанд кас иштирок мекунанд. Қолаби маъмулӣ суҳбати ду нафарро дар назар дорад. Аз ин ду ё чанд кас ҳатман як нафараш журналист мебошад. Журналист савол медиҳад ва ҳамсуҳбат ҷавоб мегардонад» [77, с. 50]. Профессор Мурод Муродӣ чунин таърифро ба мусоҳиба мансуб донистааст: «суҳбати журналистро бо ашхоси барӯманди ҷомеа доир ба масъала ва мавзуъҳои гуногун ва

мухталифи иҷтимоии давру замон, ки дар шакли саволу ҷавоб, гуфтугӯ сурат гирифта, пахши он дар ВАО пешбинӣ шудааст, метавон мусоҳиба номид» [49, с. 136]. Муҳаққиқ Ҷ. Муқим ҳамчунин, «мусоҳибаро ҳамчунин техникаи гирифтани иттилоъ меноманд. Бинобар ин мусоҳиба метавонад чун унсури жанри дигар хизмат бикунад» [42, с. 4].

Рафти таҳқиқи мавзуи диссертатсия нишон дод, ки нисбатан кам бошад ҳам, агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс аз жанри мусоҳиба низ кор гирифтаанд. Мусоҳибаҳои расонаҳои иттилоотии ин кишварҳо, асосан, бо сарварони кишварҳо, Ба хусус, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст. Аз ҷумла, дар рӯзномаҳои «Ал-мисри-л-явма»-и Миср (31 августи 2009), «Аш-Шарқ Ал-Авсат»-и Саудӣ (4 январи 2016), «Аш-Шарқ»-и Қатар (6 январи 2021) ва АИҚ (9 июни 2023), шабакаҳои «Ал-Ҷазира»-и Қатар (21 майи 2007; 4 октябр 2019), «Евронюс» (арабӣ) – (30 марти 2012) аз намунаи мусоҳибаҳое мебошанд, ки дар онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун мусоҳиб интихоб шудааст.

Аз мутолиа ва омӯзиши ин ва дигар мусоҳибаҳои агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс маълум гардид, ки ағлаби онҳо дар навъи «мусоҳиба-диалог» шакл гирифта, моҳият ва мазмуни саволҳо ба густариши робитаҳои Тоҷикистон бо мамлакатҳои арабӣ, талошҳои Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли қазияҳои минтақа (махсусан Афғонистон), муносибати Тоҷикистон бо давлатҳои ҷаҳон (махсусан Россия, Амрико, Эрон, кишварҳои арабӣ) иртибот доранд. Аз таҳлили муқоисавии мазмуни мусоҳибаҳо бармеояд, ки рӯзноманигорон ва агентиҳои иттилоотии араб бештар ба вазъ ва дурнамои ҳолати Афғонистон таваҷҷуҳ доштаанд.

Дар рафти мусоҳиба баъзан хабарнигорон аз доираи гуфтугӯ баромада, кӯшиш намудаанд, ки фикри худро таҳмил намоянд. Таҳмил намудани назари худ дар фаъолияти рӯзноманигорӣ мамнуъ набошад ҳам, ба жанрҳои хабарӣ хос нест. Дар жанрҳои таҳлилӣ, Ба хусус дар жанри суҳбат, ки шаклан ба мусоҳибаи диалог монанд аст, тарафҳо метавонанд фикри ҳамдигарро таҳмил кунанд. Мухбири рӯзномаи «Ар-Риёз» дар саволи худ Тоҷикистонро ҳамчун «кишвари исломӣ» (... إن الرئيس، فخامة إسلامي بلد طاجيكستان - ) муаррифӣ мекунад, ки аз ноогоҳӣ ва ё амали қасдонаи ӯ дарак медиҳад. Яъне, аниқтараш ин ки хабарнигори араб Тоҷикистонро ҳамчун кишвари исломӣ дидан мехоҳад. Президенти Тоҷикистон ин иштибоҳи мухбирро бидуни ҳеҷ эҳсос ва норизоӣ гӯш карда, ислоҳ

нанамуда, балки орому самимӣ ҳақиқати ҳолро фаҳмонидааст. «Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари демократӣ аст ва қонун дар он ҳукмрон аст. ... Зиёда аз 90 %-и сокинонаш мусулмонанд ва мо давоми истиқлолияти миллӣ тавонистем, ки муносибатҳои хуби сиёсӣ бо ҳамаи давлатҳои исломӣ, аз ҷумла, бо ШАС барқарор кунем» [107].

Мавриди зикр аст, ки силсилаи мусоҳибаҳо бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳинни сафарҳои гуногун аз ҷониби хабарнигорони араб сурат гирифтааст, дар ВАО-и тоҷик, Ба хусус АМИТ «Ховар» бозчоп гардидааст. Дар бознашри матолиб, бо вуҷуди андаке таҳрирҳо вижагиҳои жанрии мусоҳиба, ки аз қонунмандиҳои шаклии он бармеояд, риоя шудааст.

Бартарии силсилаи мусоҳибаи бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳиянамудаи хабарнигорони ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс дар ҳамин аст, ки мусоҳиб ҳамчун ходими давлатӣ, сиёсатдону коршинос ба саволҳо посух дода, вазъияти Тоҷикистон ва минтақаро хуб таҳлил карда, муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳоро арзёбӣ намуда, роҳҳои баромадан аз вазъияти буҳрониро бо таҳлилҳои фарох, боасос ва мантиқӣ нишон додааст. Муносибати мусоҳиб ба воқеаҳо ва масъалаҳое, ки хабарнигорони араб фаҳмиданӣ шудаанд, холисона ва ҳақиқатнигорона аст.

**4. Репортаж.** Репортаж аз жанрҳои дигари ахборӣ «бо хусусияти айнии тавсири воқеаҳо фарқ мекунад» [77, с. 33]. Навгоние, ки дар шакли репортаж инъикос мегардад, монанди жанри хабар якранг ва ё ҳисобот маҳдуд ва умумӣ набуда, бо обуранги табиию касбӣ шакл мегирад.

Репортаж дар агентиҳои даврии кишварҳои араби Халиҷи Форс кам бошад ҳам, ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, дар матнҳои «Павилони Тоҷикистон: ақиқ, ҳунарҳои дастӣ ва асбобҳои торӣ» [3, 2017. – 12 январ], «Ар-Рабиа дар Тоҷикистон Маркази ҷумхуриявии таълимии ҳолатҳои фавқулоддаро ифтитоҳ кард» [1, 2018, - 05 октябр], «Тоҷикистон меҳмонони ЭКСПО 2020-ро бо сарватҳои табиӣ, захираҳои обӣ ва ҳунарҳои суннатии худ мафтун мекунад» [3, 2022. – 07 март] унсурҳои жанри репортаж бартарӣ дорад. Вижагии хоси ин ва амсоли ин матнҳо дар он аст, ки нигорандагонашон воқеаҳоро на якранг, балки ҷузъиёти онро батафсил тасвир намудаанд. Аз тарафи дигар, дар маркази чунин матнҳо воқеаҳое қарор доранд, ки серпаҳно буда, амал ва ҳаракатро ифода мекунанд. Чунончи, дар матни «Павилони Тоҷикистон: ақиқ, ҳунарҳои дастӣ ва асбобҳои торӣ» намоишгоҳи мероси миллии тоҷикон, ки дар

минтақаи Ал-Ватба, дар пойтахти Абу-Забӣ баргузор гардидаст, ба хонандаи араб муаррифӣ шудааст. Нигоранда паҳлуи тозаи ҳодисаи барои хонанда маълумро ба назар менамоёнад. Ӯ на танҳо дар бораи як ҳодисаи маъмулӣ хабар додааст, балки моҳият ва арзиши онро бо сухан ва тасвир бармало сохтааст.

Аз таҳқиқи маводди агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс хулоса кардан мумкин аст, ки хабарнигорон дар инъикос ва шарҳу тафсири воқеиёти марбут ба муносибатҳои Тоҷикистону кишварҳои араб аз имконот ва аносири жанрҳои ахбории публитсистика ба таври васеъ истифода кардаанд. Ба хусус, дар солҳои охир, вобаста ба авзои замон (ҷаҳон) истифодаи жанрҳои ахборӣ зиёд гардида, ба мақоми аввал баромаданд. Ҷараёни ҳаводиси пуртазоди зиндагӣ ва ҳаёҳуи иттилоотӣ, ки масъулини агентӣ ва муҳаррирони нашрияҳоро водор намудааст, қисми бештари саҳифаҳои нашрияҳоро бо маводди иттилоотӣ пур кунанд.

Ҳарчанд дар инъикоси предмети таҳқиқи кори диссертатсионии мо аз жанрҳои маъмулии ахборӣ: хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж истифода шудааст, аммо таносубан жанрҳои хабар ва ҳисобот бартарӣ доранд. Хабарҳо аз нигоҳи сохт гуногун: расмӣ, кӯтоҳ ва васеъ буда, мундариҷаашон баъзан аз доираи факти мушаххас берун аст. Баъзан сафари ин ё он намояндаи расмии Тоҷикистон ба ин ё он кишвари араби Халиҷи Форс, аз оғоз то интиҳо, ба таври умумӣ дар як хабар ҷой дода шудааст.

Омӯзиш ва таҳлили намунаи матнҳои хабарӣ нишон медиҳад, ки қолабҳои жанрӣ дар ВАО-и кишварҳои гуногун, новобаста ба сохти иҷтимоӣ ва давлатдориашон, ҳамгун будааст. Ин ҳолат аз он далолат мекунад, ки шинохт ва маърифати назариявии жанрҳои публитсистика аз як сарчашма маншаъ мегирад.

**Фасли дуюми боби чорум**, ки **«Корбурди жанрҳои таҳлилӣ дар инъикоси муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо»** ном дорад, хусусиятҳои жанрии маводи марбут ба мавзуъро фаро мегирад.

Аз гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ, ки рӯзноманигорон дар инъикос ва баррасии воқеият ва масъалаҳои марбут ба муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс бештар истифода намудаанд, мақола, нигориш ва табсираро метавон ном бурд. Миёни жанрҳои публитсистика ин жанрҳо бештар имконияти инъикос ва баррасӣ намудани воқеаҳои байналхалқиро доранд.

**1. Мақола.** Мақола аз жанрҳои маъмули матбуоти даврӣ маҳсуб меёбад, зеро ин жанр баробари пайдоиши нахустин нашрияҳои даврӣ ба вуҷуд омада, тадриҷан вижагиҳои жанриашро ба шакл даровардааст. Аз ҷумла, муҳаққиқони тоҷик А. Саъдулло ва П. Гулмурод пайдоиши мақоларо дар матбуоти даврии тоҷик «ба нашри рӯзномаи нахустини тоҷик – «Бухорои Шариф» алоқаманд намудаанд. Онҳо мақоларо «як намуди жанрҳои таҳлилии матбуот дониста, таҳлил ва андешаю мулоҳизаро аносири жанрсоз дар ин намуди жанрҳои таҳлилӣ медонанд» [68, с. 15].

Дар ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс инъикос ва баррасии муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо, асосан дар навъи мақолаҳои умумитаҳқиқӣ ва амалӣ-таҳлилӣ сурат гирифтааст. Дар чунин мақолаҳо воқеият ва таҳлили он дар таҷрибаи муаллифон аз унсури асосии сохтории жанри мақолаҳо будааст.

Мавзуъ ва мундариҷаи маводҳои таҳлилӣ дар умум як масъала – муносибатҳои ду минтақаи ниҳоят муҳимми стратегӣ – Осиёи Миёна ва Халиҷи Форс аст, ки дар ВАО-и кишварҳои араб ба таври нисбатан васеъ мавриди таваҷҷуҳ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Чунончи: «Паёмҳои муколамаи стратегӣ байни кишварҳои Халиҷ ва Осиёи Миёна» [113], «Осиёи Миёна ... Манфиатҳои стратегии Россия ва иқтисодии Чин» [110], «Арабҳо ба бозии бузург ҳамроҳ мешаванд... Рақобат миёни Ғарбу Россия ва Чин барои Осиёи Миёна шиддат мегирад, кӣ ҳал мекунад?» [114], «Буҳрони Қазоқистон ва бозии байналхалқӣ дар Осиёи Миёна» [112], «Ҷанҷоли об... ба нақора мезананд» [111] ва ғайра.

Ин ва амсоли ин матолиб ҳарчанд дар қолаби жанрҳои таҳлилии мақола, нигориш ва табсира навишта шудаанд, мавзуашон байналхалқӣ буда, муносибати муаллифон ташреҳӣ ва таҳлилӣ аст. Ҳамчунин, дар ағлаби ин нигоштаҳо кӯшиши нишон додани пасманзараи воқеаҳо, ёрӣ расонидан ба хонанда дар дарки моҳияти воқеиятҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида расад ҳам, ин амал баъзан бо тобишҳои сиёсӣ ва мавқеъгириҳои шахсӣ омехта шудааст.

Ҳамин тавр, мақолаҳои мавриди таҳлил «ҳамчун жанри таҳлилии матбуот факту далели зиёдеро дар худ таҷассум намуда, фикру андешаи муайянро ташаккул медиҳад» [49, с. 192], мутолиаи онҳо хонандаро бовар мекунонад, ки дар расидан ба ин ҳадаф нақши сохтори композитсионии мақола низ кам нест. Композитсияи мақолаҳо хонандаро аз «маҷмуи ҳолату вазъият, музокира, баҳс ва хулоса» [49, с. 192] воқиф мегардонад,

таваҷҷуҳи ӯро ба он чи ки дар зерматн пинҳон аст, мебарад ва дар дарки масъала ба ӯ ёрӣ мерасонад.

Чунончи, дар боло зикр шуд, мақола ҳамчун аз жанрҳои меҳварии публитсистика дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои гуногун низ ҳамеша ҳузур доштааст. Аз ҷумла, дар объекти таҳқиқи ин кори илмии мо инъикос ва баррасии муносибатҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс ва воқеиятҳои марбут ба он аз имконият ва вижагиҳои жанри мақола фаровон истифода шудааст. Мақолаҳои интишоргардида анвои гуногун дошта, умдатарин масъалаҳои кишвар, минтақа ва ҷаҳонро дар бар гирифтаанд. Аммо таҳлилу баррасиҳо нишон дод, ки на ҳамаи мақолаҳои дар АИКАХФ ба табъ расида, аз ҷиҳати хусусият ва талабот ҷавобгӯи қонунмандиҳо ва вижагиҳои ин жанранд. Аз муҳтаво ва мундариҷаи бархе аз мақолаҳои агентиҳои иттилоотии ин кишварҳо бармеояд, ки дар ағлаби мақолаҳо масъалаҳои ба миён гузошташуда дар сатҳи таҳлили хулосавӣ (обзорӣ) шакл гирифтаанд. Ба назари мо ин омил бесабаб нест. Чун предмети аксарияти матолиби публитсистӣ, аз ҷумла мақолаҳо воқеиятҳо ва масъалаҳои байналхалқӣ буда, барои аудиторияи худӣ чандон шинос нестанд, нигорандагон танҳо ба зикри воқеиятҳову ҳодисаҳо маҳдуд нашуда, маҷбур мешаванд, ки ба шарҳу тавзеҳи моҳияти масъалаҳо низ таваҷҷуҳ намоянд.

Дар таҳияи жанри мақола яке аз аносири муҳим, ки ба сохтори матн иртиботи қавии мантиқӣ мебахшад, оғоз ва анҷом аст. Агар дар оғоз масъалаи баррасишаванда ба миён гузошта шавад, анҷом як навъ баёнгари натиҷаҳоест, ки аз раванди таҳлили масъала ҳосил шудааст. Рафти пажуҳиш нишон дод, ки дар аксарияти мақолаҳо ин талабот риоя шуда, оғози ҷаззоб ва анҷоми ҷаззобтар ба матнҳо ҳусн бахшидааст. Аммо, бо вуҷуди ин, мақолаҳое низ ба назар мерасанд, ки дар онҳо таассуроти субъективӣ ва мавқеъгириҳои нодурусти муаллифон василаи «қолибсозӣ» гардидааст. Масалан, дар матни «Либосҳои суннатӣ дар муқобили ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон» [109].

Дар умум, агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс дар инъикос ва баррасии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб ва воқеиятҳои муҳимми дорои аҳаммияти ҷаҳонӣ аз имконият ва вижагиҳои жанри мақола то ҳадди имкон кор гирифтаанд. Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон дод, ки мақолаҳои марбут ба мавзуи ин пажуҳиш аз ҷиҳати талаботи жанрӣ, яъне рӯзноманигорӣ, дар як сатҳ қарор надоранд. Ҳарчанд дар ағлаби матнҳо шартҳои мақоланависии

касбӣ ба мушоҳида мерасад, аммо муносибати муаллифон ба масъалаҳо чандон холисона нест. Баъзе муаллифони мақолаҳо дар баррасии масъалаҳо ва таҳлилу натиҷагирӣ аз онҳо на танҳо аз аносири жанрсоз камтар истифода намудаанд, балки дар тафсил ва маънидоди моҳияти масъалаҳо ба субъектвизм роҳ дода, андешаи нодуруст ва мавқеъгириҳои носаҳеҳи худро ба хонанда талмеҳ намудаанд. Дар аксарияти мақолаҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба ошкор намудани моҳияти зуҳуроту падидаҳо, силсилаи рӯйдодҳои ба ҳам алоқаманд, муайян кардани тамоюлҳо ва усулҳои ҳамкорӣ байни кишварҳо дар ҳалли қазияҳои глобалӣ, муайянсозии арзиши онҳо ва амсоли ин нигаронида шудааст.

**2. Нигориш ва табсира.** Нигориш аз жанрҳои собиқатарини матбуоти даврӣ маҳсуб меёбад. Вежагии хоси нигоришро «дар ягонагии инъикосу тасвири ҳодисаҳои иҷтимоӣ, муносибати нигоранда ба воқеаҳо ва фикру андешаи ӯ дар хусуси онҳо метавон муайян кард. Маҳз ақида ва мавқеи журналист руҳи нигоришро қувват мебахшанд» [49, с. 201].

Нигориш ҳамчун шакли «тафсили тахайюлу афкор (интерпретатсияи фикри асосӣ дар заминаи нигоштаҳои адабӣ-публитсистӣ)» [49, с. 201] дар ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс қобили таваҷҷуҳ будааст. Ҳодисаҳои муҳимми дар давоми ҳафта рухдода, вазъияту ҳолатҳои сиёсиву байналхалқӣ бо истифода аз имконоти жанри нигориш ва баъзан табсира таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Мушаххасоти жанрии ин матнро дар «дарки мавзуъ, объекти муайян, ҳадафи мушаххас, вазифаҳои маънавию тарбиявӣ, вусъати инъикоси воқеиятҳо, миқёси натиҷагириҳову умумиятдиҳиҳо, хусусияти бадеӣ-услубии воситаҳои муассири тасвирӣ» [21, с. 224] метавон нисбат дод. Нигориш аз нигоҳи сохтор се бахшро фаро гирифтааст. Бахши муқаддима, ки ҳамчун фабула нақши ворид шудан ба мавзуъро ифода мекунад. Ин бахш воқеаи кайҳо рухдода ва ё баамаломада аст, ки барои хонанда маълум аст, аммо пасманзари он чандон равшан нест. Бахши асосӣ – таҳлил ва баррасии воқеа – ошкор намудани моҳияти рӯйдод ва аҳаммияти он ва бахши ниҳоӣ – натиҷагирӣ ва ҷамъбаст.

Диду назар ва шинохту хулосаҳои муаллиф аз ҷаласаи нахустини муколамаи стратегии давлатҳои араби Халиҷи Форс дар се ҷанба: шарҳи аҳаммияти муколама, нишонаҳои муҳим ва ояндаи муносибатҳо сурат гирифтааст.

Навъи дигари нигориш шарҳи хулосавӣ мебошад, ки намунааш матни «ВАО-и Тоҷикистон аз сафари Аълоҳазрат Амир ба Душанбе ситоиш (таъриф) мекунад» [2, 2023. – 9 июн] буда метавонад. Ин нигориши хулосавӣ дар асоси ахбори АМИТ «Ховар», агентиҳои иттилоотии "Азия-Плюс" ва "Авеста", ки доир ба сафари Амири Қатар ба Тоҷикистон интишор намудаанд, таҳия гардидааст. Ҳарчанд шарҳи агентии иттилоотии Қатар ҷанбаи хабарӣ дорад, аммо дар он унсурҳои таҳлил низ ба назар мерасад. Ин агентӣ на танҳо дар заминаи маводди агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон дар бораи вохӯриҳо ва музокироти сатҳи баланд миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар иттилоот додааст, балки ба чӣ гуна гузаштани дидору гуфтушунидҳо байни Аълоҳазрат Амири Қатар ва Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, муҳокима ва баррасии муносибатҳои дуҷониба ва амсоли ин низ таваҷҷуҳ намуда, ба мавқеъ ва сатҳи инъикоси мавзуъ дар агентиҳои Тоҷикистон баҳо додааст.

Нигорандагони нигоришҳои байналхалқӣ, ки аксаран бо имзои расонаҳои иттилотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва ҳамчунин, Тоҷикистон дарҷ гардидааст, кӯшиш намудаанд, ки аудиторияро аз рӯйдодҳои фарогирандаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб, масъала ва муколамаҳои сатҳи байналмилалӣ ва амсоли ин воқиф намуда, бо таҳлилу баррасиҳои публитсистӣ ва тавзеҳи факту асноди гуногун пасманзараҳои онҳоро нишон диҳанд. Ба ин васила муаллифон ба дарки сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии масъалаҳо аз ҷониби аудитория мусоидат намудаанд.

Ҳамин тавр, рӯзноманигорон ва дигар муаллифони дорои касбу кори гуногун дар инъикоси воқеаву масъалаҳо аз имконоти жанрҳои публитсистӣ ба таври фарох ва дурбинонаю ҳадафмандона истифода намудаанд.

ВАО, Ба хусус агентиҳои иттилоотӣ, дар қолаби жанрҳои публитсистии хабариву таҳлилӣ воқеиятҳои муҳимми рӯзро ба таври фаврӣ инъикос намуда, масъалаҳои мубрами марбут ба ҳамкориҳои байни кишварҳоро баррасӣ ва бахри рафъи мушкилоти мавҷуда кӯшидаанд.

Таҳлилҳои муқоисавӣ нишон дод, ки дар инъикос ва бозтоби рӯйдодҳои Тоҷикистон агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб, аслан, аз қолабҳои жанри хабар, мусоҳиба, репортаж, табсира, нигориш ва мақола кор гирифтаанд. Қолабҳои жанрии марбут ба жанрҳои публитсистию бадеӣ, хусусан лавҳаву очерк ба назар нарасид. Ин ба он ишора мекунад,

ки ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс ба рӯйдодҳои фарҳангии кишвари мо ва ҳаёти аҳли илму адаб камтар таваҷҷуҳ доштаанд.

Қолабҳои жанрии истифодашуда ба типи муайяни маводди марбут ба мавзуъ алоқаманд буда, барои ҳалли вазифаҳои мушаххас, афзудани сатҳи огоҳӣ ва дарку маърифати аудитория ёрӣ расонидааст.

Таҳлилҳо ва масъалагузориҳои муаллифон дар қолабҳои муайяни жанрӣ, аз як тараф, ҷолибияти сохторӣ ва ороишии матолибро таъмин намуда бошад, аз ҷониби дигар, ба дарки дурусти моҳияти масъалаҳои ба миён гузошташуда ва вазъу хислати онҳо мусоидат намудааст.

## ХУЛОСА

Омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии воқеиятҳои гуногун ва муносибатҳои бисёрсамтаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс – ШАС, АМА ва Қатар, ки дар воситаҳои ахбори оммаи мутақобила инъикос гардидааст, ба мо имкон медиҳад, ки дар фарҷоми кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зеринро ҳосил намоем:

1. Ҳарчанд халқи тоҷик бо ҷаҳони араб пайвандҳои таърихии ҳазору сесадсола дорад, аммо муносибатҳои гуногунсамти Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс баъд аз Истиқлоли давлатии кишварамон дараҷаи расмӣ пайдо кардааст. Нақши АИКАХФ дар муаррифии Тоҷикистон ва густариши равобитаҳои дипломатӣ байни кишварҳо бориз аст. Тавассути ВАО-и арабзабон сафарҳо ва мулоқотҳои сатҳи олӣ ба таври васеъ инъикос ёфта, имиҷи мусбати Тоҷикистонро дар минтақа ва ҷаҳон таҳким мебахшад [10-М; 18-М].

2. Тоҷикистон робитаҳои гуногунҷанбаро бо кишварҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии худ муайян карда, аз имкониятҳои молиявии онҳо тавассути сармоягузорӣ дар татбиқи тарҳҳои гуногун истифода намудааст. Ҷонибҳо заминаҳои қонунии созишномаҳои ҳамкории иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайраро фароҳам оварда, дар таҳкими дурнамои манфиатбори равобит кӯшидаанд. Дастгирии молиявӣ дар соҳаи гидроэнегетика, бунёди мактабҳо, таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, содироти хушкмева ва сабзавоти тару тоза аз тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб шаҳодат медиҳад [2-М; 9-М; 12-М].

3. Аз таҳлили равобити дуҷониба бо кишварҳои араби Халиҷи Форс бармеояд, ки барои Тоҷикистон имконияти бештари рушди ҳамкориҳо дар

соҳаҳои гуногун, аз қабили тандурустӣ, саноат, обрасонӣ ва обёрӣ, хӯроквории, кишоварзӣ ва туризм, техникаю технология мавҷуд буда, тақвият бахшидани онҳо боиси пешрафти иқтисодии кишварамон хоҳад гашт. Инъикоси мунтазами равобити Тоҷикистон бо ШАС, АМА ва Қатар барои аудиторияи араб ҷиҳати эътимод ва нуфузи байналмилалии кишвар шароити мусоид фароҳам меорад [2-М; 8-М].

4. Омӯзиш маълум намуд, ки миёни кишварҳои араби Халиҷи Форс мақом ва манзалати ШАС миёни олами мусалмон муассир аст. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ яке аз панҷ кишвари бойтарини дунё буда, имконияти хеле васеи сармоягузорӣ дорад. Тоҷикистон метавонад аз чунин имконоти фаровони иқтисодӣ ва сармоягузории ин кишвар баҳра бардорад [19-М; 24-М].

5. Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Амороти Муттаҳидаи Араб дар самтҳои илму маориф ва тандурустӣ густурдатар будааст. Дар заминаи ин ҳамкориҳо даҳҳо нафар донишҷӯёни тоҷик дар асоси бурсияҳои ҷудошуда ва мустақиман дар муассисаҳои таҳсилоти олии АМА таҳсил менамоянд. Мутахассисони фонду муассисаҳои хайриявии ин кишвар пайваста ба Тоҷикистон сафар намуда, ба ниёзмандон ва беморон кумаки тиббии ройгон (ҷароҳат ва таъминот бо маводди доруворӣ) мерасонанд. Кумакҳои башардӯстона аз аносири дипломатияи нарм бархӯрдор аст [12-М; 13-М; 27-М].

6. Бо таъсири раванди сиёсатҳои геополитикӣ ВАО-и мамолики араб дар охири асри XX ва аввали асри XXI таҳаввулоти ҷиддӣ ёфтааст. Ин раванд, ба хусус баъд аз таъсиси шабакаҳои иттилоотии арабӣ, ба мисли «Ал-Ҷазира» (1996, Қатар), «Ал-Арабия» (2003, Аморот) ва «Ал-Ихбория» (2004, Саудӣ) суръат пайдо карда, ВАО-и кишварҳои Ғарб аз иттилоот ҳамчун сарчашмаи боэътимод истифода мебурдагӣ шуданд [14-М; 15-М; 25-М; 26-М].

7. Аз омӯзиши маводди АИС доир ба воқеиятҳои Тоҷикистон бармеояд, ки ин агентӣ бештар ба чорабиниҳои муҳимми марбут ба муносибат ва ҳамкориҳои ин кишварҳо, аз ҷумла, сафарҳои сатҳи олӣ, форумҳои сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ, ифтитоҳи сафорат, сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони воломақом ба ШАС ва амсоли ин таваҷҷуҳ намуда, аз як тараф, кишвари моро ба олами араб шинос намудааст, аз ҷониби дигар, дар инкишофи муносибатҳои гуногунсамта миёни кишварҳои Тоҷикистон ва ШАС заминаи иттилоотӣ фароҳам овардааст. АИС симо ва мақоми

Тоҷикистонро ҳамчун давлати амну осуда, дӯст бо кишварҳои араб, ҳамкор дар бахшҳои мухталиф ва фаъол дар муносибатҳои байналмилалӣ муаррифӣ кардааст [3-М; 6-М; 16-М].

8. АИҚ низ бештар ба ахбори расмӣ эътибор дода, зиёдтар ба натиҷаи сафарҳои расмии ҷонибҳо, ҷараён ва раванди муносибатҳо ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар таваҷҷуҳ кардааст. Чунончи, танҳо дар соли 2023 роҷеъ ба мавзуи равобит ва ҳамкориҳои дуҷониба 62 матолиб ба нашр расонидааст, ки ба таҳкими имиҷи мусбат, ҳамкории байнидавлатӣ, нишон додани дурнамои рушди минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Қатар замина ба вуҷуд меорад. Бо вуҷуди ин, АИҚ дар муқоиса бо АИС бештар аз маводди сомонаҳои хориҷӣ кор гирифтааст. Аксарияти мавод хусусияти иттилоотӣ дошта, таҳлил ва мавқеи агентӣ камтар ба назар мерасад [4-М; 5-М; 7-М].

9. Агентии иттилоотии Аморот низ, асосан, ба масъалаҳои муносибат ва ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва АМА таваҷҷуҳ карда, дар инъикоси воқеиятҳои кишвари мо нисбат ба дигар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб мавқеи беғаразона ва бетафовут дорад. Дар он таҳрифи ахбор бо назардошти манфиатҳои кишвари худ ба назар намерасад. Маводди агентии иттилоотии мазкур баёнгари он аст, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо АМА дар сатҳи хуб қарор дорад. Ин усул ба стратегияи дипломатияи иттилоотӣ, ки ҳадафи он таъсир расондан ба афкори ҷомеаи араб ва фароҳам овардани имиҷи мусбати Тоҷикистон аст, мувофиқат мекунад [4-М; 6-М; 12-М].

10. Дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон инъикоси муносибату ҳамкориҳо ва ҳаводиси гуногуни дунё, аз ҷумла кишварҳои араб, ҷойгоҳи хосса дорад. Аз он ҷумла АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» ва «Pressa.tj» дар бозтоби муносибатҳои мутақобилаи кишварҳо ва рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳони араб фаъоланд. Инъикоси равобиту ҳамкориҳо ва воқеоти марбут ба кишварҳои араб дар ВАО-и Тоҷикистон бо усули ҳирфаӣ сурат гирифта, аз як тараф, дар огаҳии мардум ба муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо, аз ҷониби дигар, ба раванди ояндаи густариши муносибатҳо таъсири муассир мегузорад [2-М; 9-М; 21-М].

11. Ағлаби маводди сомонаи АМИТ «Ховар»-ро муносибатҳои дуҷониба ташкил медиҳад. Сомонаи АМИТ «Ховар» дар муқоиса ба дигар кишварҳои араб ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бештар таваҷҷуҳ кардааст. Иттилооти он аз сафарҳои расмии мутақобилаи сарони давлатҳо, мулоқоту вохӯриҳои анҷомдодаи Президенти Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони ин ё он кишвари араб ва мулоқотҳои мутақобилаи ҳайатҳои баландпояи байнидавлатӣ (вохӯрии сафирону вазирон, ҳайатҳои ҳукуматӣ) манша гирифта, тавассути шарҳу тавзеҳ ва баррасиҳо шинохт ва муаррифии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва таҳкими муносибатҳо бо кишварҳои араби Халиҷи Форс муайян гардидааст. Аз таҳлили маводди АМИТ «Ховар» доир ба равобити иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс (КАХФ) бармеояд, ки Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби сармояи мустақими сармоягузорон ва соҳибкорони кишварҳои араб дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ҳавасманд аст [11-М; 22-М].

12. Таҳлили манобеъшиносӣ нишон дод, ки инъикоси ҳаводис ва рӯйдодҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс, хосса ШАС, АМА ва Қатар дар АМИТ «Ховар» дар такя ба ахбори сомонаҳои интернетӣ ва расонаҳои хабарии хориҷӣ шакл гирифтааст. Ин аст, ки дар матолиби АМИТ «Ховар» баъзан мавқеъпазирии кишвари рус, баъзан кишварҳои ғарбӣ ва гоҳо Эронро эҳсос мекунем. Бо вуҷуди ин, агентӣ то қадри имкон тавонистааст, ки воқеиятҳои муҳимми олами арабро дар фазои иттилоотии Тоҷикистон пахш намуда, ба ин васила хонандаи тоҷикро ба ҳолати воқеаҳо ва моҳияти онҳо шинос намояд [11-М; 22-М].

13. Омӯзиш ва таҳқиқи маводди АМИТ «Ховар» собит менамояд, ки тайи солҳои охир муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб (ШАС, АМА ва Қатар) дар сатҳи баланд қарор дошта, дар ҳоли рушд ва густариш аст. Робитаҳои сиёсии Тоҷикистон бо кишварҳои фавқуззикр, махсусан, пас аз ифтитоҳи сафоратҳо ва сафарҳои чандинкаратаи Президенти Тоҷикистон ба ин давлатҳо вусъат ва таҳким ёфта, муносибатҳои дуҷониба ба марҳилаи сифатан нав ворид шудааст. Сиёсати иттилоотии АМИТ «Ховар» доир ба масъалаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои мазкур аз мавқеи хос бархӯрдор аст. Моҳияти асосии ҳамкориҳои иқтисодиро сармоягузорӣ ташкил медиҳад [1-М; 22-М].

14. АИ «Азия-Плюс» дар инъикос ва баррасии муносибат ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ин кишварҳо ва воқеиятҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии кишварҳои араби Халиҷи Форс низ мавқеи хос дорад. Воқеиятҳои кишварҳои араб дар ин агентӣ зери рубрикаҳои «Ҷаҳон», «Тоҷикистон», «Иқтисод», «Сиёсат», «Ҷомеа», «Ҳокимият», «Амният», «Қонун ва тартибот», «Варзиш» ва «Ҳаводис» инъикос ёфтаанд, ки ин ба таҳлили амиқ ва дурусти вазъият дар ин

кишварҳо ва ҳамчунин, муайян намудани мавқеи Тоҷикистон дар муносибат бо кишварҳои араби Халиҷи Форс мусоидат мекунад [17-М; 21-М].

15. АИ «Азия-Плюс» дар инъикоси воқеиятҳои муҳимми рӯз, аз ҷумла рӯйдодҳо ва қазияҳои марбут ба робита ва ҳамкориҳои Тоҷикистон ба кишварҳои араб муносибати вижа дорад, ки он интихоби мавзу (воқеаву рӯйдод)-и муҳим, таҳлилу баррасиҳои бодалелу мунсифона, мавқеъгириҳои устувор, натиҷагириҳои умедворкунанда ва амсоли ин аст. Ин ва амсоли ин вижагиҳо аз саҳми боризи «Азия-Плюс» дар инъикоси раванди муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус ШАС, Қатар ва АМА шаҳодат медиҳад. Маводди АИ «Азия-Плюс» доир ба мавзуъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар огаҳӣ ва маърифати ҷомеа нақши муҳим гузошта, ба таҳкими муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс заминаи хуби иттилоотиро фароҳам овардааст [29-М].

16. Сомонаи интернетии ҳафтаномаи «Тоҷикистон» – «Pressa.tj» низ воқеиятҳои алоқаманд ба муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус ШАС, АМА ва Қатарро пайгирӣ намуда, то қадри имкон хонандагони худро ба вазъ ва ҳолати муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араб ошно намудааст. Мундариҷа ва муҳтавои маводди «Pressa.tj» бо мундариҷаи агентиҳои АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» шабоҳат дорад. Аксарияти маводди ин сомона дар такя ба сарчашмаҳои расмӣ, аз қабили мақомоти давлатии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, намояндагони дипломатӣ ва ширкатҳои сармоягузорӣ таҳия гардидааст, ки ин эътимоднокии маводро афзун мегардонад [29-М].

17. Омӯзиш ва таҳлилу баррасиҳои муқоисавии маводди сомонаҳои АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» ва «Pressa.tj» маълум намуд, ки омили аз ҳама муҳим ва таҳрикбахши робита ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби ШАС, АМА ва Қатар иқдому ташаббус ва рағбати Сарварони кишварҳо, сафарҳои дуҷонибаи онҳо ва имзои санаду созишномаҳо будааст. Дар ин сомонаҳо махсусан фаъолияти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар самти таҳкими ҳамкориҳо бо КАХФ, ҳамчун омили асосии дипломатияи дуҷониба, ба таври васеъ инъикос ва арзёбӣ гардидааст [21-М; 22-М].

18. Аз баррасиҳои муқоисавӣ маълум гардид, ки агентиҳои иттилоотии ҳам Тоҷикистон ва ҳам кишварҳои араби Халиҷи Форс дар

инъикоси воқеиятҳои ифодакунандаи ҳамкориҳои байни кишварҳо ва баррасии қазияҳои марбут ба муносибатҳо, асосан, аз қолабҳои жанрҳои ахбории хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж ва жанрҳои таҳлилии табсира, мақола ва нигориш истифода намудаанд [26-М; 29-М].

19. Аз таҳқиқи маводди агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс бармеояд, ки хабарнигорон дар инъикос ва шарҳу тафсири воқеоти марбут ба муносибатҳои Тоҷикистону кишварҳои араб аз вижагӣ ва аносири жанрҳои ахбории публитсистика бештар истифода кардаанд. Ба хусус, дар солҳои охир вобаста ба авзои ҷаҳон мавқеи жанрҳои ахборӣ боло рафтааст. Ҷараёни ҳаводиси пуртазоди зиндагӣ ва ҳаёҳуи иттилоотӣ боис гардида, ки қисми бештари саҳифаҳои агентиҳои иттилотиро маводди хабарӣ ташкил диҳад [20-М; 23-М; 28-М].

20. Дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс таҳлил ва баррасии мавзуъ ва масъалаҳои марбут ба муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб, асосан, дар қолаби жанрҳои мақола, табсира ва нигориш сурат гирифтааст. Мақолаҳо аз назари талаботи жанрӣ яксон нестанд. Дар ағлаби матнҳо шартҳои мақоланависии касбӣ ба мушоҳида расад ҳам, муносибати муаллифон ба масъалаҳо чандон холисона нест. Баъзе муаллифон дар баррасии масъалаҳо ва таҳлилу натиҷагирӣ аз онҳо на танҳо аз аносири жанрсоз камтар истифода намудаанд, балки дар тафсил ва маънидоди моҳияти масъалаҳо ба субъективизм роҳ дода, андешаи нодуруст ва мавқеъгириҳои носаҳеҳи худро ба хонанда талмеҳ (ишора) намудаанд. Бо вуҷуди ин метавон гуфт, ки жанри мақола дар оҷонсиҳои мавриди назар аз шаклҳои маъмули гузоришу баррасии проблемаҳои марбут ба ҳаёти иҷтитмоиву сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии Тоҷикистон, Осиёи Миёна ва ҷаҳон, музокираву ироаи фикр мавқеи хосса доштааст [6-М; 20-М; 29-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқ ва арзёбиҳои анҷомгирифта метавон хулоса кард, ки доир ба равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики араби Халиҷи Форс баъзе мақолаҳо чоп шуда бошанд ҳам, аммо то ҳол нақши ВАО дар инъикоси паҳлуҳои гуногуни фаъолият, зинаҳои ташаккулу таҳаввули муносибат ва ҳамкориҳои ин кишварҳо мавриди омӯзиши монографӣ қарор нагирифтааст. Албатта, доираи баҳси ин мавзуъ васеъ буда, дар атрофи он

метавон таҳқиқотҳои дигар низ анҷом дод. Бо назардошти мушаххасоти мавзуи таҳқиқ дар диссертатсия кӯшиш шудааст, ки заминаҳои ташкил ва ташаккули робитаҳо миёни Тоҷикистон бо кишварҳои араб, инъикоси воқеоти марбут ба раванди ҳамкориҳо дар воситаҳои ахбори оммаи кишварҳо бо дарназардошти интихоби воқеаҳо, мавзуву муҳтаво, тарзи нигориш, хусусияти жанрӣ ва амслои ин мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шавад. Бинобар ин, дар заминаи натиҷагириҳо аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он баъзе тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Диссертатсия барои унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони таърихи матбуоти даврии ватаниву хориҷӣ, муносибатҳои дипломатӣ дар омӯзиш ва арзёбии омилҳои эҳёи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, вижагиҳои инъикоси раванди ҳамкориҳо дар ВАО-и Тоҷикистон ва кишварҳои ШАС, АМА ва Қатар ҳамчун таҷрибаи амалӣ ёрии бевосита расонда метавонад.

2. Дар шакли рисолаи алоҳидаи диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор додани ин ё он воситаи ахбори омма, аз ҷумла, нақш ва мавқеи расона дар инъикос ва баррасии воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии марбут ба робитаҳои Тоҷикистон бо кишвари алоҳидаи ҷаҳони араб арзишнок мебошад.

3. Зарурати таҳқиқ ва арзёбии расонаҳои дигар ва муқоисаи типологии онҳо дар инъикоси мавзуву масъалаҳои марбут ба муносибатҳои расмӣ ва ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистон бо кишварҳои араб ниҳоят муҳим буда, диққати муҳаққиқони соҳа бояд ба ин масъалаҳо ҷалб гардад.

4. Таҷрибаи агентиҳои иттилоотӣ ва сомонаҳои интернетии АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» барои шинохт ва арзёбии муқоисавии паҳлуҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои араб низ пураҳамият буда, зарурати анҷом додани пажуҳиши илмиро ба миён мегузорад.

5. Барои ба таври мушаххас таъйин намудани вазъи ташаккулу таҳаввули воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои араби Халиҷи Форс, аз ҷумла нашрияҳо ва агентиҳои алоҳида зарурати таҳқиқоти диссертатсионӣ дар миён аст.

6. Сатҳи равобити гуногунсамти Тоҷикистону кишварҳои араб ҳамкориҳои иқтисодии ҷавобгӯйи манфиатҳои муштараки

дарозмуддат ва дорои имкониятҳои ғаниро тақозо менамояд. Истифодаи ҳамаи василаҳои дастрас – суханрониву суҳбатҳо тавассути воситаҳои ахбори омма, тавсеа бахшидани робитаҳо тавассути созмонҳои ҷамъиятӣ ва тарғиби дастовардҳои илму навовариҳои якдигар зарур аст.

7. Маводди дар диссертатсия фароҳамомада барои омӯзиш ва таълими таърихи рӯзноманигории хориҷӣ, назарияю амалияи журналистика, накди рӯзноманигорӣ, паҳлуҳои сабкии осори дар расонаҳо интишорёфта, вижагиҳои агентиҳои иттилоотӣ, жанрҳои публитсистика ва амсоли инҳо заминаи амалӣ ва таҷрибавиро фароҳам меоварад.

8. Ҳамчунин бахшҳои ҷудогонаи маводди диссертатсия ҳангоми таҳияи дастуроти раҳнамоӣ дар самти тақвияти робита ва ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб ва ба ин васила боз ҳам наздиктар гардонидани иртиботи сафорати кишварҳои гуногун бо идораҳои ВАО истифода шуда метавонанд.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Тоҷикистон дар инъикоси воқеоти кишварҳои якдигар, раванди ҳамкориҳои мутақобила қобили мулоҳиза буда, диссертатсияи мазкур ибтидои пажуҳиши мушаххас дар ин самт мебошад ва ин таҷриба бояд мавриди таваҷҷуҳи донишмандон, унвонҷӯён ва алоқамандони соҳа қарор гирад. Таҳқиқоти анҷомёфта аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами соҳа буда, дурнамои мавзуи пажуҳиши диссертатсияро собит менамояд.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Монография:

[1-М]. Қаландаров, С.Д. Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс (дар заминаи маводди оҷонсиҳои иттилоотӣ). Монография [Матн] / С.Д. Қаландаров. – Душанбе, 2024. – 164 с.

### II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[2-М]. Қаландаров, С.Д. Иттилоъ – сарчашмаи ҳамкориҳои судбахш [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2011. – №4 (68). – С. 364-367.
[3-М]. Қаландаров, С.Д. Шарҳи воқеаҳои сиёсии Тоҷикистон дар сомонаи Агентии иттилоотии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – №4/9 (185). – С. 298-302.
[4-М]. Қаландаров, С.Д. Шеваи инъикоси сафарҳои расмии Президент дар расонаҳои арабӣ [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/4 (206). – С. 309-314.
[5-М]. Қаландаров, С.Д. Инъикоси Тоҷикистон аз нигоҳи «Алҷазира» ва муқоиса бо сомонаи арабии «Би-би-си» [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/5 (209). – С. 248-251.
[6-М]. Қаландаров, С.Д. Ҳақиқат ва таҳриф дар инъикос ва шарҳи воқеиёти Тоҷикистон аз нигоҳи сомонаҳои арабӣ [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/6. – С. 287-292.
[7-М]. Қаландаров, С.Д. Воқеияти Тоҷикистон дар расонаҳои Қатар [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №2. – С. 259-263.
[8-М]. Қаландаров, С.Д. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар мусоҳибаҳои Президенти Тоҷикистон (дар асоси маводди матбуоти араб) [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 300-305.
[9-М]. Қаландаров, С.Д. Баррасии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар мусоҳибаҳои Эмомалӣ Раҳмон (дар асоси маводди матбуоти араб) [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 305-310.

[10-М]. Қаландаров, С.Д. Нақши ВАО дар баррасии вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №2. – С. 310-316.
[11-М]. Қаландаров, С.Д. Инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон дар нашрияҳои Кувайт [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 294-302.
[12-М]. Қаландаров, С.Д. Моҳият ва рисолати ҳамкориҳои Тоҷикистон ва инъикоси он дар Агентии иттилоотии Аморот [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 287-293.
[13-М]. Қаландаров, С.Д. Баррасии ҳаводиси Тоҷикистон дар нашрияҳои Амороти Муттаҳидаи Араб [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №7. – С. 275-282.
[14-М]. Қаландаров, С.Д. Шабакаҳои иттилоотии араб ва нақши онҳо дар инъикоси ҳаводиси «Баҳори араб» [Матн] / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 293-298.
